

# Тафаккур дар бораи рӯҳи инсон

Муассисаи Руҳӣ







Китоби 1

# Тафаккур дар бораи руҳи инсон

Муассисаи Руҳӣ

Китобҳои ин маҷмӯа:

Номгӯи зер, китобҳои дастрас аз маҷмуаи аз тарафи Муассисаи Руҳӣ таҳия шуда мебошанд. Ин китобҳо ҳамчун силсилаи асосии курсҳо дар кӯшиши мунтазам барои баланд вусъати қобилияти ҷавонон ва калонсолон барои хидмат ба ҷомеаҳои худ истифода мешаванд. Муассисаи Руҳӣ инчунин маҷмӯи курсҳоеро таҳия мекунад, ки шохаҳое аз китоби сеюми силсила барои таълими муаллимони дарсҳои ахлоқи баҳоӣ барои кудакон ва инчунин маҷмӯи дигар шохаҳо аз китоби 5 ум барои тарбияи мушаввиқони гурӯҳҳои навҷавонон аст. Инҳо низ дар рӯйхати зер нишон дода шудаанд. Бояд қайд кард, ки ин рӯйхат бо назардошти пешрафи таҷриба дар майдони амал метавонад тағйир ёбад ва дар замоне ки як қатор унсурҳои барномаи таълимии таҳияшаванда ба марҳилае мерасанд, ки онҳо метавонанд ба таври васеъ дастрас гарданд, номгуҳои иловагӣ ворид карда мешаванд.

| | |
|---|---|
| Китоби 1 | *Тафаккур дар бораи руҳи инсон* |
| Китоби 2 | *Қиём ба хидмат* |
| Китоби 3 | *Таълими синфҳои кӯдакон, соли 1* |
| | *Таълими синфҳои кӯдакон, соли 2* (давраи шуъбавӣ) |
| | *Таълими синфҳои кӯдакон, соли 3* (давраи шуъбавӣ) |
| | *Таълими синфҳои кӯдакон, соли 4* (давраи шуъбавӣ) |
| Китоби *4* | *Ду Мазҳари Зуҳури Илоҳӣ* |
| Китоби *5* | *Шукуфо сохтани қувваҳои навҷавонон* |
| | *Ангезаи нахустин: Аввалин давраи шуъбавии китоби 5* |
| | *Ҳалқаи доим афзоянда: Дуввумин давраи шуъбавии китоби 5* |
| Китоби *6* | *Хидмат дар майдони таблиг* |
| Китоби *7* | *Ҳамроҳӣ дар роҳи хидмат* |
| Китоби *8* | *Аҳд ва Мисоқи Ҳазрати Баҳоуллоҳ* |
| Китоби *9* | *Ба даст овардани дидгоҳи таърихӣ* |
| Китоби *10* | *Эҷоди ҷомеаҳои пуё* |
| Китоби *11* | *Асбоби моддӣ* |
| Китоби *12* | *Хонавода ва ҷомеа* |
| Китоби *13* | *Ширкат дар иқдоми иҷтимоӣ* |
| Китоби *14* | *Ширкат дар гуфтумонҳои ривоҷёфта* |

Originally published in Spanish as *Reflexiones sobre la vida del espíritu*
Copyright © 1987, 1995, 2008, 2020 by the Ruhi Foundation, Colombia
ISBN 978-958-59880-3-3
All rights reserved.
Edition 1.1.1.PE published September 1994
Edition 4.1.2.PE PV August 2022

Ruhi Institute
Cali, Colombia
Email: instituto@ruhi.org
Website: www.ruhi.org

Аввалин бор ба забони испанӣ чоп шудааст бо номи: *Reflexiones sobre la vida del espíritu*
Ҳуқуқи чоп © 1987, 1994, 1999, 2007, 2020 бо Бунеди Руҳӣ, Колумбия
Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз.
Нашри 1.1.1.PE чопи сентябри 1994
Нашри 4.1.2.PE PV августи соли 2022

Муассисаи Руҳӣ
Кали, Колумбия
Email: instituto@ruhi.org
Сомона: www.ruhi.org

# Феҳраст


Афкоре барои роҳнамо ............................................ v

Фаҳмидани Осори Баҳоӣ ......................................... 1

Дуо ва муноҷот ......................................................... 15

Зиндагӣ ва марг ........................................................ 31

# Афкоре барои роҳнамо

Дар тӯли солиёни зиёде дар саросари дунё шумораи маҳалҳое ки дар онҳо китоби аввали силсилаи давраҳои муассисаи Руҳӣ “Тафаккур дар бораи ҳаёти руҳи инсон” омузонда мешавад афзуда истодааст. Дар аксари зиёди мавридҳо гурӯҳи дӯстоне, ки метавонанд ҳалқаи мутолиавии мураттабан гирди ҳамояндаро ташкил диҳанд, ва ё метавонанд дар давраҳои фишурда (интенсивӣ) ва ё дар урдугоҳҳо, дар замони таътилоти мадрасаҳо, ин маводро мутолиа карда руи он машварат кунанд. Новобаста аз ин мавридҳо, яке аз аъзоёни гурӯҳ ҳамчун роҳнамо амал мекунад. Муносибати байни роҳнамо ва дигар иштирокчиён мисли муносибати як муаллим бо шогирдаш нест; тамоми ширкаткунандагон огоҳона машғули равандеанд, ки дар он ҳама ҷӯёи ёдгирӣ ҳастанд. Аммо роҳнамо ҳам худ низ як тартибдиҳандаи каноранишин ва ғайрифаъоли мубоҳиса нест. Пас аз ба итмом расонидани шумораи кофии курсҳо ва иҷрои амалҳои хадамоте, ки анҷом доданашонро ин давраҳо ташвиқ мекунанд, ӯ метавонад ба ҳар як аъзои гурӯҳ дар расидан ба ҳадафи маводи омӯзишӣ кӯмак кунад. Онҳое, ки ҳамчун роҳнамои китоби 1 амал мекунанд, гоҳ-гоҳе аз нав дида баромадани фикру ақидаҳои дар ин муқаддима баёншударо метавонанд барои худ муфид биёбанд.

Иштирокчиёни ин давраи аввалини муассисаи омӯзишӣ дар саросари ҷаҳон аз заминаҳои гуногун меоянд. Баъзеҳо аллакай аъзои ҷомеаи Баҳоӣ ҳастанд, ва умедворанд тавоноии худро барои хидмат ба Амри қабулкардаашон бештар кунанд. Ва боз ҳам дигарон ин давраро чун оғози таҳқиқи худ аз Оини Баҳоӣ ҳамчун аз як дине, мешуморанд. Дигаронро ақидаҳои олии Баҳоӣ ҷалб кардаанд, ва онон мехоҳанд бо ҳадафҳо ва талошҳои ин ҷомеа ошно шаванд. Ва хусусан шумораи афзояндаи афроди ҷавон, ки мехоҳанд қудрати худро барои хидмат ба иҷтимоъ, аксари вақт тавассути ширкат кардан дар ин ё он барномае, ки ҷомеаи Баҳоӣ пешбарӣ мекунад, инкишоф диҳанд, омӯхтани ин давраро ҳамчун қадами аввал дар ин роҳ мебинанд.

Аз ибтидо ба ҳар як ширкаткунанда бояд возеҳ бошад, ки давраҳои Муассисаи Руҳӣ роҳи хидмат ба инсониятро пайгирӣ мекунанд, ки онро ҳар кадоми мо бо суръати худ мепаймоем, ва дар ин минвол ба дигарон кӯмак расонда худ низ аз дигарон кӯмак мегирем. Паймудани ин роҳ расидан ба ҳадафи дуҷонибаи ахлоқиро дар назар дорад: кӯшидан барои рушди руҳонӣ ва зеҳнии шахсии худ ва саҳмгузорӣ дар табаддулоти иҷтимоъ. Пешравӣ дар ин роҳ инкишофи як қатор қобилиятҳоро талаб мекунад, мисли фаҳмиш ва дониш, сифатҳои рӯҳонӣ ва муносибати шоистаи таъриф, инчунин як қатор маҳоратҳо ва малакаҳо. Сарчашмаҳои донише, ки китобҳои Муассиса аз онҳо бахра мебаранд, аз як тараф, таълимоти Амри Баҳоӣ ва аз тарафи дигар, таҷрибаи ҷамъоваришавандаи ҷомеаи ҷаҳонии баҳоиён дар ба пеш бурдани тамаддуни моддӣ ва руҳонӣ мебошанд. Муассиса аз биниши Ҳазрати Баҳоуллоҳ оиди он, ки мо чӣ гуна шахсоне метавонем бишавем, ва чӣ гуна тамаддуне метавонем бисозем, илҳом

гирифтааст. Гумон меравад, ки ҳамаи иштирокчиён, новобаста аз он ки аз кадом заминаанд, барои қабули ин биниш, ки дар ҳар як қисми ҳар як китоб возеҳ аст, омодаанд.

Дар ҷаҳоне, ки эътиқодҳо ва идеологияҳо омодаанд ҳама гуна воситаҳои имконпазирро барои ба худ пайрав ба даст овардан истифода баранд, шахси бехабар аз Таълимоти Баҳоӣ метавонад дар бораи ниятҳои Институти Рӯҳӣ саволҳои воқеӣ дошта бошад, алалхусус: "Оё аз ман мехоҳанд, ки дини худро иваз кунам?" ё "Оё мехоҳанд, ки ман ба дине ҳамроҳ шавам?" Чунин саволҳо ба роҳнамо имконият медиҳанд, ки мақсади дар боло зикршудаи силсилаи давраҳоро шарҳ диҳад. Роҳнамо метавонад шарҳ диҳад, ки агарчанде табиист, ки баҳоиён муштоқанд дӯстони худро дар ҷомеаашон бибинанд, таълимоти худи онҳо баҳоиёнро аз ба этиқоди худ даровардани дигарон манъ мекунад. Роҳ паймудан дар роҳи хидмате, ки давраҳои муассиса кушодаанд, фаҳмиши амиқи таълимоти Ҳазрати Баҳоуллоҳро тақозо мекунад, ки ин маводҳо онро ба таври равшан ифода мекунанд; қабул кардан ва имон овардан саволҳое ҳастанд, ки аз ҷониби ҳар як шахс бояд озодона ва бидуни фишор андешида шавад.

Пас ҷои тааҷҷуб нест, ки аввалин қисми китоб маҳз бо мавзуи фаҳмиш, ки барои ҳамаи китобҳои силсила муҳим аст, оғоз мешавад. Мутолиаи Осори Муборака мисли хондани ҳазорон саҳифаҳое нест, ки шахс дар тӯли умр мехонад ва бахши "Фаҳмидани Осори Муборакаи Баҳоӣ" мекӯшад то одати ҳаррӯзаи хондани порчаҳоро аз Матни Муқаддас, ва дар бораи маънои онҳо мулоҳиза карданро тарбият кунад, як одате, ки ба иштирокчиён дар ворид шудан ба роҳи хидмат кӯмак мекунад. Барои роҳнамоии онҳо дар ин омӯзиш роҳнамо бояд рӯи мавзӯи фаҳмиш бисёр андеша ронад.

Осори Муборакаи Баҳоӣ дорои ҳақиқатҳои амиқи руҳонӣ мебошанд, ва ҳатто вақте, ки мо мекӯшем дар фаҳмиши маънои бепоёни онҳо пеш равем, мо медонем, ки ҳеҷ гоҳ ба дарки маънии ниҳоии онҳо расида наметавонем. Мо одатан ҳангоми мутолиа дар аввал фаҳми маънои сатҳии порчаро ба даст меорем ва бахши 1-уми қисми аввали китоб инро ҳамчун нуқтаи оғози фаҳмиш қабул мекунад. Ҳамин тариқ, пас аз хондани иқтибоси "Беҳбудии оламро метавон тавассути аъмоли пок ва нек, бо рафтори шоиста ва қобили таҳсин ба даст овард", аз иштирокчиён фақат инро мепурсанд: "Чӣ тавр беҳбудии оламро метавон ба даст овард?" Дар аввал, аксаран ин гуна саволҳо ва машқҳо гӯё хеле содда ба назар мерасанд. Вале, мисли ин ки таҷрибаи чандинсолаи Муассисаи Руҳӣ қарори ӯро барои ин тавр оғоз кардан асоснок мекунад. Ҳамаи мо бояд хотиррасон карда шавем, ки дар ҷустҷуи шитобкоронаи сатҳҳои амиқтари ҳақиқати порчае, ақл набояд маънои возеҳи онро сарфи назар кунад. Таваҷҷӯҳ ба ин сатҳи аввалини фаҳмиш инчунин барои машварати гурӯҳӣ хеле муҳим аст; ваҳдати афкор вақте ба осонӣ ба даст меояд, ки ба андешаҳои шахсӣ имконияти бо ҳикмати илоҳӣ мунаввар шуданро додаанд.

Дар ин ҷо қайд кардан муҳим аст, ки фаҳмидани маънои фаврии аксари порчаҳо аз баҳси тӯлонии берун аз матлаби калимаҳои алоҳида, фоида намебарад. Гуфта мешавад, ки баъзан, гурӯҳеро лозим меояд, ки маънии калимаеро дар луғат ҷустуҷӯ кунад. Аммо омӯхтани он, ки чи тавр аз худи ҷумлаҳо ва параграфҳо маънои калимаҳо ба даст оварда мешавад, метавонад барои ширкаткунандагон бештар самаранок бошад.

Барои он, ки фаҳмиши ширкаткунандагон берун аз доираи маънои фаврӣ густариш ёбад, мисолҳое ки ифодаи мушаххас доштани ғояҳоро тавсиф мекунанд, метавонанд кӯмак кунанд. Анҷом додани машқҳои содда танҳо чизе аст, ки барои ин лозим аст. Дар бахши 2, масалан, аз иштирокчиён хоҳиш карда мешавад, ки дар партави порчае ки хонда буданд, муайян кунанд, ки оё баъзе аз хусусиятҳое ки ном бурда мешаванд шоёни таърифанд. Дар машқҳои монанди ин, дар бахши 4, онҳо ташвиқ карда мешаванд, ки панҷ фазилатро номбар кунанд ва сипас тасмим гиранд, ки дар сурати набудани ростқавлӣ, ки он дар Осори Муборака ҳамчун "асоси тамоми фазилатҳои инсонӣ" тавсиф шудааст, кадом яки онҳоро ба даст овардан мумкин аст.

Барои ноил шудан ба ҳадафи худ, ин қисми китоб аз омузандагон афзудани фаҳмиши маънои порчаҳоро интизор аст, то ин ки омузандагон дар бораи баъзе аз оқибатҳои амалӣ гардонидани ғояҳои порчаҳои пешниҳодшуда фикр кунанд. Дар бахши 2, онҳо бояд муайян кунанд, ки оё изҳороти "Дар ҷаҳон одамони хуб он қадар каманд, ки амалҳои онҳо ҳеҷ таъсире надоранд" дуруст аст. Дар ин ҷо ҳадаф танҳо баёни ақида нест. Омӯзгор бояд таваққуф кунад ва сабаби ҷавобҳои иштирокчиёнро пурсад. Ин изҳорот бояд ҳатман хато бошад, зеро он бо иқтибоси аввал дар бахши қаблӣ мухолиф аст, он хулосае, ки гурӯҳ бояд ба он бирасад. Савол дар бораи он, ки оё баҳоиён метавонанд аз гуноҳҳои худ назди дигарон иқрор шаванд, инчунин намунаи ин гуна машқҳост. Он ишора ба мамнуъ будани иқрори гуноҳ, ҳамчун воситаи поксозии гуноҳ дар Таълимот аст, ки ин дар ҳеҷ яке аз порчаҳои омӯхташуда ба таври возеҳ зикр нашудааст, вале онро метавон бо омӯхтани маънои иқтибоси "Қабл аз ин, ки ба ҳисоби ту расидагӣ шавад, ҳар рӯз ба худ ҳисобот деҳ. . ." мутаваҷҷеҳ шуд.

Ба ҳеҷ ваҷҳ машқҳо дар ин қисми китоб, ҳадафи фаро гирифтани доираи ҳамаи маъноҳоро дар порчаҳои мавриди баррасӣ, надоранд. Як саволе, ки ҳар як роҳнамо бояд дар бораи он фикр кунад, ин аст, ки барои ҳар як машқи додашуда барои муҳокима чӣ қадар вақт бояд ҷудо кард. Дар ин ҷо дар хотир доштан муҳим аст, ки тӯл додани муҳокимаҳо тавассути ворид намудани мафҳумҳои зиёде, ки агарчанде метавонанд ба ҳам алоқаманд бошанд, вале аз матлаби аслӣ дар каноранд, боиси кам шудани самаранокии истифодаи мавод мегардад. Ҳар як гурӯҳ бояд бо ритми қобили қабул пешрафт кунад; ширкаткунандагон бояд ҳисси возеҳи мувофиқи имкониятҳои худ мунтазам пешрафт карданашонро дошта бошанд. Роҳнамо бояд диққат диҳад, то мабодо фаслҳои китоб бе таҳлили мулоҳизакоронаи машқҳо, зуд ва рӯякӣ гузаронида нашаванд; гурӯҳҳое, ки бо ин роҳ пеш рафтаанд, фақат бо ҷавоб додан ба суолҳои машқҳо, ҳеҷ гоҳ ба натиҷаҳои пойдор ноил нашудаанд.

Як нуктаи ниҳоӣ сазовори зикр аст: Роҳнамо вазифадор аст, то диққати ҳар як узви гурӯҳ дар раванди омӯзишие, ки маводи таҳти ҳимояташ қарор дорад, машғул бимонад. Ҷалби изҳори назари ширкаткунандагон, бе он ки ба касе фишор оварда шавад, аксари вақт мушкил аст. Он чи ки бояд аз ибтидо дарк карда шавад, он аст ки ин мушкилот бо пурсидани саволҳое ба мисли "Ин бароятон чӣ маъно дорад?" хеле кам рафъ мешавад. Саволҳо аз ин қабил одатан дониш ва ҳақиқатро то ба дараҷаи як фикри шахсӣ коҳиш медиҳанд. Ва он гоҳ эҷод кардани фазое, ки дар он машварати байни аъзои гурӯҳ воқеан боиси фаҳмиши бештар гардад, душвор мешавад.

Қисми дуввуми китоб, мисли қисми аввали он, ба одати барои ҳаёти руҳонӣ муҳимме дахл дорад: дуои мунтазам. Он дар бахши ифтитоҳӣ мафҳуми "роҳи хидмат" -ро возеҳу равшан тасвир мекунад ва нишон медиҳад, ки барои рафтан ба ин роҳ мо бояд бо оғуштаи як ҳадафи дуҷониба бошем. Иштирокчиён маҷмӯи ибтидоии иқтибосҳоро меомӯзанд, ки фаҳмиши моҳияти ин мақсадро пешниҳод мекунанд, ки мавзӯъ дар давраҳои баъдӣ таҳия хоҳад шуд.

Дар заминаи ин мавзӯъ, ин бахши китоб таҳқиқи аҳамияти дуоро оғоз мекунад. Он равишеро ба мисли равиши дар фаслҳои қаблӣ тавсифшуда қабул мекунад. Саволҳо ва машқҳо тавре таҳия карда шудаанд, ки дарки амиқтари маънои порчаҳо аз Осори Муборакаи омӯхташаванда ба дастояд. Ҳангоме, ки гурӯҳ дар омӯхтани ин қисми китоб пеш меравад, шояд ба роҳнамо лозим ояд, ки шубҳаҳоеро, ки решаашон дар тафсирҳо ва амалияҳои гузашта аст, тавассути таҳлили мафҳумҳо пароканда кунанд. Дар баъзе анъанаҳо маросим ва тақлид оҳиста-оҳиста аҳамияти ҳолати ботиниро зери соя мекунад ва аз ин рӯ бисёриҳо зарурати дуоро нодида мегиранд, ки аҳамияти асосии он барои руҳи инсон на камтар аз аҳамияти ғизо барои бадан аст.

Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, ин бахш саъй мекунад, то дар иштирокчиён хоҳиши "гуфтугӯ кардан бо Худо" ва ба Ӯ наздик шуданро бедор кунад. Дар байни ғояҳои мавриди баррасӣ қарор гирифта инҳоанд: расидан ба ҳолати дуо чӣ маъно дорад, ҳолати қалбҳоямон ва ақли мо ҳангоми он, ва шароитҳое, ки ҳангоми дуо бояд дар гирду атрофи мо муҳайё карда шаванд, хоҳ мо дар танҳоӣ бошем, ва хоҳ дар ҷамъ. Дар ҳақиқат, пас аз он, ки рӯи қувваҳои тавассути ибодати умумӣ тавлидшаванда каме андеша ронда мешавад, аз иштирокчиён даъват карда мешавад, ки имконияти ҳамчу мизбон баргузор кардани ҷаласаҳои дуо ва ибодатро баррасӣ кунанд.

Умед аст, ки омӯзиши бахши сеюми китоб бо номи "Зиндагӣ ва марг", ҳисси масъулияти ширкаткунандагонро дар паймудани роҳи хидмат мустаҳкам мекунад, ва ба он маънои амиқтар мебахшад. Хидмат дар ин олам дар заминаи пурратарини ҳаёт, ки мувофиқи он ҳаёти руҳ баъд аз ҳаёти заминӣ дар тамоми оламҳои Илоҳӣ то абад идома меёбад, беҳтар дарк карда мешавад.

Дар раванди чунин таълим ва тарбия, баръакси ёддиҳии механикӣ, иштирокчиён бояд дарк кунанд, ки моҳият ва аҳамияти он чӣ гуна аст. Танҳо дар сурати вусъат ёфтани чунин тафаккур, чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, онҳо худро ҳамчун "соҳибони" фаъоли омӯзиши худ хоҳанд дид.

Ҳар бахши ин қисм бо аз як то се порча аз Осори Муборакаи Баҳоӣ оғоз мешавад, ва пас аз онҳо чанд машқе оварда мешавад. Забони порчаҳое, ки дар ин қисм оварда шудаанд, нисбат ба порчаҳои қисмҳои қаблӣ диққати бештареро талаб мекунад. Албатта, лозим нест, ки гурӯҳ барои фикрронӣ руи калимаҳои душвор хеле вақти зиёд масраф кунад; кофист агар роҳнамо имконият диҳад, ки ширкаткунандагон ҳамаи ғояҳои асосии дар ҳар як бахш зикршударо, ки машқҳо маҳз барои ба расидан ба ин ҳадаф тартиб дода шудаанд, дарк кунанд.

Бо назардошти хусусияти мавзӯъ, дар ин бахш машқҳое ки мисолҳои мушаххас доранд, каманд. Аксари онҳо дар сатҳи консептуалианд. Бояд қайд кард, ки ба баъзе саволҳое, ки дар машқҳо оварда шудаанд, ба зудӣ ё ба таври возеҳ ҷавоб додан номумкин аст. Онҳо барои баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи ин мавзӯъ оварда шудаанд; Ҳатто агар ширкаткунандагон руи ин саволҳо фақат фикрронӣ кунанд, бо худи ҳамин, ҳадафи омӯзиш ба даст хоҳад омад.

Чанде аз фаслҳои аввал ба робитаи руҳ ва ҷисм, ки дар якҷоягӣ инсонро дар ин олами ҳастӣ ташкил медиҳанд, тамаркуз мекунанд. Ғояи марказӣ, ки дар ин бахшҳо оварда шудааст, ин аст, ки рӯҳ як мавҷуди ҷисмонӣ нест; пайвастагии онро бо бадан метавон ба равшание монанд кард, ки дар оина инъикос мешавад. На чанге, ки ба рӯи он менишинад ва ё дар ниҳояти кор, на шикастани оина, ба дурахшиши худи равшанӣ таъсир расонида наметавонад. Марг танҳо тағйири ҳолат аст, пас аз он ки робитаи байни ҷисм ва руҳ қатъ мегардад; руҳ ба сӯи Офаридгори худ то абад парвоз мекунад.

Қисмати навбатӣ ба саволи мақсади зиндагӣ – шинохтани Худо ва расидан ба ҳузури Ӯ рӯ меорад. Муҳокима дар ин ҷо дар атрофи ду мавзӯи васеъ сурат мегирад. Якум, мақсади зиндагии мо дар ин олам ва дуввум сафари рӯҳ пас аз марг. Руҳ нишонаи Худо аст ва метавонад ҳамаи номҳо ва сифатҳои ӯро инъикос намояд. Бо вуҷуди ин, он қобилият дар ботини инсон пинҳон аст; онро танҳо бо ёрии Мазҳарони Илоҳӣ, он мавҷудоти муқаддас, ки ҳар вақт барои роҳнамоии инсоният меоянд, таҳия кардан мумкин аст. Тавассути таълим ва тарбияи руҳоние, ки Онҳо медиҳанд, ганҷҳое, ки дар дохили мо пинҳонанд, метавонанд ошкор шаванд.

Барои ширкаткунандагон дар бораи сафари руҳ пас аз марг, як силсила ақидаҳо оварда шудаанд, то дар бораи он андеша ронанд: ки онҳое ки ба Худо вафодор буданд ба хушбахтии ҳақиқӣ ноил хоҳанд шуд; ки ҳеҷ кадоми мо ҳеҷ гоҳ наметавонем сарнавишти худро донем ва аз ин рӯ, мо бояд якдигарро афв кунем ва худро аз дигарон болотар ҳис накунем; он ки дар олами баъд, ҳаёти руҳ чунон ки дар ин олам буд, идома

хоҳад ёфт ва қобилиятҳои рӯҳонии мо, ки дар ин ҷо тараққӣ додаем, дар он ҷо ба мо ёрӣ ва кумак хоҳанд дод; ки мо азизони худро дар оламҳои дигар хоҳем шинохт, ва ин зиндагии худро дар олами баъд дар ёд хоҳем дошт, ва аз ҳамроҳӣ ба рӯҳҳои пок ва муқаддас лаззат хоҳем бурд.

Ин қисми китоб бо порае аз Осори Муборакаи Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба охир мерасад, ки дар он ба мо дар ноил шудан ба манфиатҳои дунёи оянда итминон мебахшанд ва моро даъват мекунанд, то ки аз тағйирот ва воқеаҳои ин ҳаёт андуҳгин нашавем. Аз иштирокчиён хоҳиш карда мешавад, ки дар бораи оқибатҳои он чизҳое, ки барои ҳаёти худ омӯхтаанд, андеша кунанд



# Фаҳмидани Осори Муборакаи Баҳоӣ

## Мақсад

**Мустаҳкам кардани одати хондани порчаҳо**
**аз Осори Муборака ва андешаронӣ**
**дар бораи маънои онҳо.**

**БАХШИ 1**

Мақсади ин бахш аз он иборат аст, ки ба шумо дар инкишоф ва таҳкими (мустаҳкам кардани) одати мутолиаи ҳаррузаи порчаҳо аз Осори Муборака ва мулоҳиза дар бораи маънои онҳо кӯмак расонад. Ин фасл бо як машқи оддӣ оғоз мешавад, ки аз шумо хоҳиш мекунад, то як изҳороти як ҷумлаиро аз Осори Муборака хонед ва ба саволе ҷавоб диҳед, ки ҷавоби он худи изҳорот аст. Ҳарчанд иҷро кардани он осон бошад ҳам, машқ ба шумо кӯмак мекунад, ки дар бораи маънои изҳоротҳои овардашуда мулоҳиза кунед ва онҳоро дар хотир нигоҳ доред.

**"Беҳбудии оламро метавон ба воситаи аъмоли пок ва нек, бо рафтори шоиста ва қобили таҳсин ба даст овард."[1]**

1. Беҳбудии олам чӣ тавр ба даст меояд? ____________________

____________________

____________________

**“Эй аҳли Баҳо, монанди касоне набошед, ки мегӯянд он чиро, ки худашон намекунанд.”[2]**

2. Монанди чӣ касоне набояд бошем? ____________________

____________________

____________________

**“Эй писари вуҷуд! Қабл аз ин, ки ба ҳисоби ту расидагӣ шавад, ҳар рӯз ба худ ҳисобот деҳ. . .”[3]**

3. Қабл аз ин, ки ба ҳисоби мо расидагӣ шавад, бояд чӣ кор кунем?____________

____________________

____________________

**“Бигӯ: Эй бародарон! Бо амалҳо худро биороед на бо суханҳо.”[4]**

4. Ороиши ҳақиқии мо бояд чӣ бошад? ____________________

____________________

____________________

**“Суханони муқаддас ва аъмоли пок ва нек ба осмони иззати аҳадия мебароянд.”[5]**

5. Суханони муқаддас ва аъмоли поку нек чӣ коре мекунанд? ____________

____________________

____________________

**БАХШИ 2**

Дар зер як қатор машқҳое ки ба иқтибосҳо, ки шумо ҳоло хондаед робита доранд, оварда шудаанд. Онҳо ба шумо кӯмак мекунанд, ки дар бораи аҳамияти он порчаҳо дар гурӯҳи худ фикр кунед ва машқҳо набояд ба таври механикӣ анҷом дода шавад. Ин маънои онро надорад, ки ҳар як машқ гуфтугуи зиёдеро талаб мекунад. Аммо, вақте ки машқ душвор аст, роҳнамои гурӯҳи шумо ба шумо дар омӯхтани он ҳамаҷониба кӯмак мекунад.

1. Вақте ки чизе «шоиста» аст, он сазовори таъриф аст. Кадоме аз инҳо рафтори шоиста аст?

    ____ Коргари хуб будан
    ____ Дигаронро ҳурмат кардан
    ____ Омӯзанда будан
    ____ Дурӯғгӯ будан
    ____ Танбал будан
    ____ Ба дигарон хизмат кардан

2. Ибораи «пеш аз он ки барои ҳисобот даъват шавӣ» чӣ маъно дорад? __________

    ______________________________________________________________________________

3. Кадоме аз гуфтаҳои зерин дурустанд?

    ____ Дар ҷаҳон одамони хуб он қадар каманд, ки амалҳои онҳо ҳеҷ таъсире надоранд.
    ____ Чизе дуруст аст, вақте ки он бо ақидаҳои одамони дигар мувофиқат мекунад.
    ____ Чизе дуруст аст, вақте ки он бо таълимоти Илоҳӣ мувофиқат мекунад.

4. Кадоме аз инҳо аъмоли нек ва пок аст?

    ____ Нигоҳубин ва таълим додани кӯдакон.
    ____ Дуздӣ.
    ____ Дуо кардан барои пешрафти дигарон.
    ____ Дурӯғи каме гуфтан барои раҳоӣ аз мушкилӣ.
    ____ Ба дигарон кӯмак кардан ва интизори подош будан.

5. Дар кадоме аз ҳолатҳои зерин сухани шахс аз рафтораш фарқ мекунад?

    ____ Касе такрор мекунад, ки мо бояд ҳама муттаҳид бошем, аммо тавре рафтор мекунад, ки мунокишаро ба вуҷуд меорад.

    ____ Касе арзиши зиндагӣ бо покдоманиро таъриф мекунад, аммо берун аз издивоҷ алоқаи ҷинсӣ дорад.

    ____ Касе баъзан машрубот истеъмол мекунад, дар ҳоле ки изҳор мекунад, ки эътиқоди диниеро, ки нӯшокиро манъ мекунад, пайравӣ мекунад.

____ Касе тарафдори баробарии марду зан аст, аммо ҳамчун корфармо барои ҳамон як кор ба занон нисбат ба мардон камтар музд медиҳад.

6. Оё барои баҳоӣ иқрори гуноҳ кардан назди шахси дигар ҷоиз аст? ____________________

7. Ба ҷои иқрор шудан ӯ бояд чӣ кор кунад? ____________________

8. Иборои «осмони иззати аҳадия» чӣ маъно дорад? ____________________

9. Амалҳои бад ба олам чӣ таъсир мерасонанд? ____________________

10. Амалҳои бад ба шахсоне, ки онро содир мекунанд, чӣ таъсире доранд? ____________________

**БАХШИ 3**

Акнун иқтибосҳои зеринро аз Осори Муборака хонед ва рӯи онҳо андеша ронед. Сипас кӯшиш кунед, ки онҳоро азёд кунед.

**"Сидқ ва ростӣ асоси ҳамаи фазилатҳои инсонӣ аст."[6]**

1. Асоси тамоми фазилатҳои инсонӣ чист? ____________________

**"Агар нафсе аз он (сидқ ва ростӣ) маҳрум монад, ӯ аз тараққӣ ва пешрафт дар тамоми оламҳои Илоҳӣ манъ гардад."[7]**

2. Агар касе аз сидқ ва ростӣ маҳрум монад барои ӯ чӣ чизе ғайриимкон аст? ____________________

**“Бигӯ: Эй мардум, забонатонро бо ростӣ ва нафсатонро бо амонат ороста созед.”[8]**

3. Забонамонро бо чӣ чизе ороста созем? ______________________________
______________________________________________

4. Мо нафси худро бо чӣ чизе бояд биороем? ______________________________
______________________________________________

**“Бигзор дар нигоҳатон парҳезгор бошед, дар даст амин, дар забон ростгӯ ва дар қалб дар зикри Худо.”[9]**

5. Нигоҳи мо бояд чӣ гуна бошад? ______________ Дасти мо? ______________
Забони мо? ________________ Дили мо? ______________________________

**“Онҳое ки дар Хаймаи Илоҳӣ сокинанд ва бар тахти ҷалоли ҷовидонӣ устуворанд, гарчанде ки аз гуруснагӣ бимиранд, даст дароз накунанд ва моли ҳамсояи худро, ҳарчанд зишт ва бешараф бошад ҳам, нагиранд.”[10]**

6. Мо бояд чӣ кор кунем, ҳатто агар аз гуруснагӣ ҳам бимирем? ___________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

**БАХШИ 4**

Тавре ки шумо эҳтимол дар бахши 2 қайд кардаед, баъзе аз машқҳои ин қисм ҷавобҳои қатъиро талаб мекунанд. Дар чунин мавридҳо, агар ба ҷавоб шубҳа пайдо шавад, мураббии гурӯҳи шумо метавонад ба шумо ва шарикони шумо барои расидан ба ягонагии фикр кӯмак кунад. Барои машқҳои дигар худи муҳокима арзишманд аст ва ҳеҷ як ҷавоби мушаххас интизор нест. Дар зер машқи 3 навъи якум аст, дар ҳоле ки машқи 6 ба категорияи дуюм дохил мешавад.

1. Ростгӯӣ асоси тамоми фазилатҳои инсонӣ аст. Панҷто аз фазилатҳоро номбар кунед: ______________________________________
______________________________________________

2. Оё мо метавонем ин фазилатҳоро бе ростгӯӣ ба даст орем? ______________
______________________________________________

3. Кадоме аз гуфтаҳои зерин дурустанд?

____ Одам ҳатто агар дурӯғ гӯяд ҳам одил буда метавонад.
____ Касе, ки дуздӣ мекунад, дасти вафодор дорад.
____ Дасти вафодор ҳеҷ гоҳ ба чизе, ки ба ӯ тааллуқ надорад, намерасад.
____ Ба матолиби порнографӣ нигоҳ кардан ба маслиҳати Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар бораи доштани чашми покдоман мухолиф аст.
____ Ростқавлӣ маънои дурӯғгӯиро надорад.
____ Ростқавлӣ зевари рӯҳ аст.
____ Шахсе, ки ростгӯ нест, метавонад аз ҷиҳати рӯҳонӣ пешрафт кунад.
____ Гоҳ гоҳ дурӯғ гуфтан ҷоиз аст.
____ Дуздӣ дар назди Худо ҷоиз аст, агар касе гурусна бошад.
____ Бе ичоза аз сохибаш чизе гирифтан бо гумони он ки баъдтар бармегардонем, дуздӣ нест.
____ Вақте ки мо софдилона рафтор мекунем ва боинсоф ва ростгӯ ҳастем, диламон равшан мешавад.
____ Каме фиреб надода, дар тиҷорат (бизнес) муваффақ будан ғайриимкон аст.

4. Оё ба худ дурӯғ гуфта мешавад? ____________________

5. Ҳангоми дурӯғ гуфтан мо чиро аз даст медиҳем? ____________________
____________________

6. Агар ҳамаи мо ростқавл ва боинсоф шавем, олам чӣ гуна мешавад? __________
____________________

## БАХШИ 5

Иқтибосҳои зеринро хонед ва кӯшиш кунед, ки онҳоро аз ёд кунед. Дар хотир нигоҳ доштани иқтибосҳо аз Осори Муборака хеле фоиданок аст ва шумо бояд тамоми кӯшиши худро барои ин кор харҷ кунед. Албатта, на ҳамаи одамон порчаҳоро ба осонӣ аз ёд карда метавонанд. Бо вуҷуди ин, саъю кӯшиш моро кӯмак мекунад, ки ин ғояҳоро дар қалбҳо ва зеҳни худ нақш бибандем ва онҳоро бо калимаҳо ба қадри имкон ба матни аслӣ наздик созем.

> **“Лисони шафқат ҷаззоби қулуб аст ва ғизои рух аст ва ба мисоли чароғи маъниҳост аз барои суханҳо ва монанди уфуқ аст аз барои ишроқи офтоби ҳикмат ва доноӣ.”[11]**

1. Лисони шафқатро чӣ гуна метавон тавсиф кард?____________________
____________________
____________________

2. Лисони шафқат ба калимаҳо чӣ гуна таъсир мерасонад? ________________________

________________________________________________________________________

**“Эй маҳбубони Илоҳӣ! Дар ин даврони муқаддас низоъ ва ҷанҷол манъ аст. Ҳар таҷовузкор аз файзи Илоҳӣ маҳрум мешавад.”**[12]

3. Мувофиқи иқтибоси дар боло овардашуда, дар ин даврони муқаддас чӣ иҷозат дода намешавад?____________________________________________________

________________________________________________________________________

4. Таҷовузкор ба худ чӣ мекунад? ___________________________________________

________________________________________________________________________

**“Ҳақ шоҳид ва гувоҳ аст, ки зараре аз барои ин Амр дар ин рӯз азимтар аз баҳсу мунозира, низоъ, бегонагӣ ва дилсардӣ миёни ҳабибони Илоҳӣ набуда ва нест.”**[13]

5. Кадом шароит ба Амри Илоҳӣ бештар аз ҳама зиён мерасонад? _______________

________________________________________________________________________

________________________________________________________________________

**“Ба изҳори дӯстӣ, ки фақат бо сухан аст, қаноат накунед, бигзоред қалбатон бо муҳаббати холисона нисбати тамоми афроде, ки дар роҳатон мегузарад, фурӯзон бошад.”**[14(тарҷума)]

Чӣ навъ дӯстӣ набояд моро розӣ кунад?

6. ________________________________________________________________________

________________________________________________________________________

7. Қалбамон бояд бо чӣ фурӯзон гардад?

________________________________________________________________________

**"Чун фикри ҷанг ояд, онро бо фикри қавитари сулҳ муқобилият кунед. Фикри нафратро бояд бо фикри пурқувваттари ишқ нобуд созед.”**[15]

8. Фикри ҷангро бо чӣ муқобилат кардан лозим аст?___________________________

________________________________________________________________________

9. Фикри нафратро бо чӣ бояд нест кард? __________________________________

________________________________________________________________________

**БАХШИ 6**

Бо назардошти иқтибосҳои дар боло зикршуда, машқҳои зеринро иҷро кунед:

1. Оҳанрабо" калимаи дигаре барои магнит аст. Сухани меҳрубон чӣ гуна оҳанрабо буда метавонад?

2. Кадоме аз ибораҳои зерин аз забони меҳрубон аст?

____"Маро ташвиш надиҳед!"
____"Чаро шумо инро намефаҳмед?"
____"Оё шумо метавонед камтар интизор шавед, лутфан?"
____"Чӣ кӯдакони беадаб!"
____"Ташаккур, шумо хеле меҳрубон ҳастед."
____"Ман ҳоло барои шумо вақт надорам. Ман банд ҳастам."

3. Дар кадоме аз ҳолатҳои зерин низоъ ва ихтилоф вуҷуд дорад?

____ Дар рафти машварат ду нафар оиди ин ё он мавзуъ фикрхои гуногун баён мекунанд.
____ Ду нафар ҳангоми машварат аз ҳам меранҷанд ва баҳс мекунанд.
____ Ду нафар иштирокашонро дар ҷамъомади ҳарҳафтаина қатъ мекунанд, зеро онҳо бо ҳамдигар ногапанд.
____ Аъзоёни гурӯҳе, ки дар барномае ҳамкорӣ мекунанд, шикоят мекунанд ва ҳар яке мегӯянд, ки дигарон кори худро хуб иҷро намекунанд.

4. Кадоме аз ҳолатҳои зерин аломатҳои бегонагиро нишон медиҳанд?

____ Ду дӯст дар кӯча аз паҳлӯи ҳамдигар мегузаранд, аммо ба ҳамдигар аҳамият намедиҳанд.
____ Касе ба чамъомади идона меояд ва ҳама уро бо гармму омилагӣ пешвоз мегиранд.
____ Ҳарчанд онҳо нисбат ба якдигар хушмуомила бошанд ҳам, ин ду узви як гурӯҳ аз иштирок дар як барнома худдорӣ мекунанд.

5. Муайян кунед, ки оё гуфтаҳои зерин дурустанд:

____ Фикри худро оиди дигарон бояд ба ростӣ гуфт; агарчӣ қалбашон меранҷида бошад ҳам.
____ Дурӯғ гуфтан ҷоиз аст, то ки муноқиша пешгирӣ шавад.
____ Мунокишаро бо муҳаббат ва меҳрубонӣ бартараф кардан мумкин аст.
____ Калимаҳо вақте таъсирбахштар мешаванд, ки онҳоро бо муҳаббат гуянд.
____ Бо касе ҷанҷол кардан ҷоиз аст, агар онро ӯ оғоз карда бошад.
____ Касе ҳақ дорад, ки ҳангоми бемор ё ғамгин буданаш бо дигарон тезу тунд рафтор кунад.
____ Вақте ки дигарон кори хатое мекунанд, ба он хандидан нодуруст аст.

____ Вақте ки байни дӯстон эҳсосоти ранҷиш вуҷуд дорад, ҳар яки онҳо бояд кӯшиши махсус ба харҷ диҳанд, то ба якдигар наздик шаванд.

____ Вақте ки байни дӯстон эҳсосоти ранҷиш вуҷуд дорад, ҳар яке бояд интизор шавад, то дигаре қадами аввал барои наздик шудан бардорад.

**БАХШИ 7**

Иқтибосҳои дар поён овардашударо хонед ва онҳоро аз ёд кунед.

**"...ғайбат сироҷи мунири қалбро хомӯш намояд ва ҳаёти дилро бимиронад."[16]**

**"То худ хатокорӣ ба хатои касе дам мазан."[17]**

**"Бад магӯ, то бад нашунавӣ ва айби дигаронро бузург мадон, то айбҳои ту бузург нанамоянд..."[18]**

**"Эй писари вуҷуд! Чӣ гуна айбҳои худро фаромӯш кардӣ ва ба айби бандагони Ман машғул шудӣ?"[19] (тарҷума)**

1. Ғайбат бар касе, ки ғайбат мекунад, чӣ таъсир мерасонад? ____________________

____________________________________________________________

2. Пеш аз фикр кардан дар бораи гуноҳҳои дигарон мо бояд дар бораи чӣ фикр кунем? ____________________________________________________________

____________________________________________________________

3. Агар мо айби дигаронро бузург кунем, бо мо чӣ мешавад? ____________________

____________________________________________________________

Вақте ки мо дар бораи айбҳои дигарон фикр мекунем, мо бояд чиро дар хотир дошта бошем? ____________________________________________

____________________________________________________________

**БАХШИ 8**

Бо назардошти иқтибосҳои дар боло зикршуда, машқҳои зеринро иҷро кунед:

1. Пешравии рӯҳи шахсе, ки ба айби дигарон таваҷҷӯҳ мекунад, чӣ мешавад?___

____________________________________________________________

2. Ғайбат ба ҷомеа чӣ таъсир мерасонад? ________________________________

____________________________________________________________

3. Вақте ки дӯстатон дар бораи айби шахси дигар гап мезанад, шумо чӣ кор мекунед?________________________________________________________________
______________________________________________________________________

4. Муайян кунед, ки оё гуфтаҳои зерин дурустанд:

____ Вақте ки мо дар бораи айбҳои аслии касе ҳарф мезанем, мо ғайбат намекунем.

____ Вақте ҳам дар бораи сифатҳои лоиқи ситоиши инсон ва ҳам айбҳои ӯ ҳамзамон ҳарф мезанем, мо ғайбат намекунем.

____ Ғайбат дар ҷомеаи мо як одати маъмулӣ гаштааст ва мо бояд интизомро инкишоф диҳем, то аз он дур шавем.

____ Агар шунаванда ваъда диҳад, ки он чиро, ки мо дар бораи шахси дигар мегӯем, такрор накунад, ғайбат кардан ҳеҷ зиёне надорад.

____ Ғайбат яке аз душманони бузургтарини ваҳдат аст.

____ Агар мо одати ҳар вақт дар бораи одамони дигар сӯҳбат карданро пайдо кунем, мо метавонем ба осонӣ ба ғайбат кардан сар кунем.

____ Вақте дар маҷлиси Маҳфили Рӯҳонии Маҳаллӣ қобилиятҳои ашхоси гуногун барои интисоб кардани аъзои ягон кумита мавриди баррасӣ қарор мегирад, ин ғайбат аст.

____ Вақте ки мо хоҳиши ғайбат карданро эҳсос мекунем, мо бояд айбҳои худро ба хотир оварем.

____ Вақте ки мо медонем, ки шахс коре мекунад, ки ба Амр зиён мерасонад, мо бояд онро бо аҳли ҷомеа баррасӣ кунем.

____ Вақте ки мо медонем, ки шахс коре мекунад, ки ба Амр зарар мерасонад, мо бояд танҳо ба Маҷлиси Рӯҳонии Маҳаллӣ хабар диҳем.

____ Барои зану шавҳар дар бораи айби дигарон ҳарф задан айб нест, зеро онҳо набояд аз якдигар роз пинҳон кунанд.

## БАХШИ 9

Ҳадафи ин бахш, тавре ки дар оғоз зикр гардид, мусоидат ба иштирокчиён дар талошҳои онҳо барои инкишоф додан ва таҳкими одати мутолиаи порчаҳо аз Осори Муборакаи ҳар рӯз ва андеша дар бораи маънои онҳо мебошад. Ҳар саҳар ва бегоҳ оятҳои Худоро хондан таълимоти Ҳазрати Баҳоуллоҳ аст, ки ба рушди руҳонии мо мусоидат мекунад. Ин порчаи зерин аз неъматҳое, ки мо аз иҷрои ин фарз мегирем, хотиррасон мекунад ва шуморо ташвиқ мекунад, ки онро ба ёд оред:

> **“Дар дарёи баёни Ман ғӯтавар шавед, то он чӣ аз марворидҳои ҳикмат ва асрор дар он аст, огоҳ гардед.”** [20]

Пас аз анҷом додани ин бахш, шумо метавонед як китоб аз Осори Муборакаи Ҳазрати Баҳоуллоҳро ба даст оваред ва ҳар рӯз аз он мутолиа кунед. Китоби “Калимаҳои Макнуна” метавонад интихоби хуби аввалине бошад.

**МАРОҶЕЪ:**


1. Bahá’u’lláh, cited by Shoghi Effendi, The Advent of Divine Justice (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 2006, 2018 printing), par. 39, pp. 36–37.
2. Gleanings from the Writings of Bahá’u’lláh (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 1983, 2017 printing), CXXXIX, par. 8, p. 345.
3. Bahá’u’lláh, The Hidden Words (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 2003, 2012 printing), Arabic no. 31, p. 11.
4. Ibid., Persian no. 5, p. 24.
5. Ibid., Persian no. 69, p. 46.
6. ‘Abdu’l-Bahá, cited by Shoghi Effendi, The Advent of Divine Justice, par. 40, p. 39.
7. Ibid.
8. Gleanings from the Writings of Bahá’u’lláh, CXXXVI, par. 6, p. 336.
9. Tablets of Bahá’u’lláh Revealed after the Kitáb-i-Aqdas (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 1988, 2005 printing), no. 9.5, p. 138.
10. Gleanings from the Writings of Bahá’u’lláh, CXXXVII, par. 3, p. 338.
11. Ibid., CXXXII, par. 5, p. 327.
12. Will and Testament of ‘Abdu’l-Bahá (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 1944, 2013 printing), p. 26.
13. Gleanings from the Writings of Bahá’u’lláh, V, par. 5, p. 8.
14. From a talk given on 16 and 17 October 1911, published in Paris Talks: Addresses Given by ‘Abdu’l-Bahá in 1911 (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2006, 2016 printing), no. 1.7, p. 6.
15. From a talk given by ‘Abdu’l-Bahá on 21 October 1911, ibid., no. 6.7, p. 22.
16. Gleanings from the Writings of Bahá’u’lláh, CXXV, par. 3, p. 300.
17. The Hidden Words, Arabic no. 27, p. 10.
18. Ibid., Persian no. 44, p. 37.
19. Ibid., Arabic no. 26, p. 10.

20. Gleanings from the Writings of Bahá'u'lláh, LXX, par. 2, p. 154.

21. Bahá'u'lláh, in Prayer and Devotional Life, no. 68, p. 29.

22. From a message dated 29 December 2015, published in Framework for Action: Selected Messages of the Universal House of Justice and Supplementary Material, 2006–2016 (West Palm Beach: Palabra Publications, 2017), no. 35.49, p. 232.



# ДУО ВА МУНОҶОТ

**Мақсад**

**Мулоҳиза дар бораи аҳамияти дуо ва муноҷоти ҳаррӯза ва мустаҳкам кардани одати дуои мунтазам**

**БАХШИ 1**

Курсҳои Институти Руҳӣ ба иштироккунандагон дар тай кардани роҳи хизмат ёрӣ мерасонанд. Мо роҳеро пеш мегирем, ки онро ҳисси мақсади дуҷониба — аз чиҳати маънавӣ ва ақлонӣ нашъунамо ёфтани худи инсон ва ба дигаргунсозиҳои ҷамъият ҳисса гузоштани ӯ, ҳидоят мекунад. Ин ду ҷиҳати мақсади мо аз ҳамдигар ҷудонашавандаанд. Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар ин иқтибос моро чунин насиҳат мекунанд:

**"Ба худ машғул набошед. Дар фикри ислоҳи олам ва тарбияи башар бошед."**[1]

Дар порчаи дигар Ӯ бо равшанӣ ин тавр мефармояд:

**"...мақсад, аз он, ки инсонҳои фонӣ аз нестӣ ба мақоми ҳастӣ қадам ниҳодаанд, то ба ислоҳи олам пардозанд ва муддати ҳаётро бо камоли иттиҳод ва иттифоқ бигузаронанд."**[2]

Дар робита ба ҳолати ботинии мо чунин мефармояд:

**"Қалби латиф мисли оина аст; онро бо оташи ишқ ва дурӣ аз ҳама ҷуз Худо пок намо, то дар он нури офтоби ҳақиқӣ битобад ва субҳи ҷовидонӣ бидамад."**[3]

Ва Ҳазрати Абдулбаҳо ба мо мегӯянд:

**"Қалбатон пок ва ниятҳоятон холис бошад, то соҳиби неъматҳои илоҳӣ гардед."**[4]

1. Андешаҳо ва нигарониҳои мо бояд чӣ гуна бошад? ______________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________

2. Мо бо кадом мақсад аз нестӣ ба олами ҳастӣ қадам гузоштаем? ______________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________

3. Оинаи диламонро бо чӣ бояд пок кунем? ______________________________________
______________________________________________________________________________

4. Баъзе аз шароитҳое, ки неъматҳои илоҳиро ба худ ҷалб мекунанд кадоманд?
______________________________________________________________________________

5. Оё кадоме аз гуфтаҳои зерин дуруст аст?

____ Аввал ғами худатро бихӯр, баъд метавонӣ дигаронро ғамхорӣ кунӣ.
____ Агар шумо ҳамеша ба дигарон кӯмак кунед, дар ниҳоят ҳадафҳои шахсии худро аз даст медиҳед.
____ Шумо худатон дӯсти наздиктарини худ ҳастед.
____ Донистани он, ки чӣ чизе шуморо хушбахт мекунад аз ҳама муҳимтар аст.

___ Аз паи орзуҳои худ бирав, онҳо туро ба хушбахтӣ раҳнамоӣ мекунанд.
___ То он даме, ки шумо касеро озор надодаед, боке нест, ки шумо ҳар коре, ки хостаед, мекунед.
___ Агар, ки ягон кори хайре мекарда бошед, худпарастона будани ниятҳоятон дуруст аст.

**БАХШИ 2**

Як эътиқоди марказии мақсади дуҷонибаи мо ин аст, ки ҳамаи мо наҷиб (олиҷаноб) офарида шудаем. Ҳазрати Баҳоуллоҳ мефармоянд:

**“Эй Писари Руҳ! Туро ғанӣ офаридаам, чӣ тавр худро фақир мекунӣ? Туро азиз сохтаам, ба чӣ рӯи худро залил мекунӣ ва аз ҷавҳари илм туро зоҳир кардаам, чаро аз ғайри Ман талаби илм мекунӣ ва аз хоки ишқ туро шакл додаам, чӣ тавр ба ғайри Ман машғул мешавӣ? Пас ба худ назар кун то Маро қодир, Тавоно ва Пойдор биёбӣ.”**[5]

Пур кардани холигиҳои дар поён овардашуда ба шумо кӯмак мекунад, ки дар бораи ин порча фикр кунед.

“Эй Писари Руҳ! Туро ____________ офаридаам, чаро худро ба ______________ меорӣ? Туро гиромӣ кардам, чаро худро _________ мекунӣ? ______________________________ ба ту додаам, чаро ______________________________ меҷӯӣ? Аз _________________________ туро шакл додаам, чӣ гуна худро ________________________ банд мекунӣ? Ба _____________ нигар, ва хоҳӣ дид, ки Манам дар ботини ту истода, _______________, _________________ ва ____________________”.

Барои содиқ будан ба наҷибии руҳи худ, бояд ба Сарчашмаи ҳастии худ рӯй оварем ва аз Ӯ маърифат биҷӯем. Яке аз роҳҳои ҷолибтарин барои расидан ба ин мақсад дуо аст. Ҳазрати Валии Амруллоҳ Шавқи Афандӣ мегӯяд, ки ҳадафи аслии он «ноил шудан ба рушди шахсӣ ва ҷамъиятӣ бо роҳи ба даст овардани фазилатҳо ва неруҳои руҳонӣ мебошад. Он рӯҳи инсон аст, ки аввал бояд ғизо дода шавад. Ва дуо ғизои беҳтарин аст аз барои рӯҳ.»[6]

**БАХШИ 3**

Худо донову ҳаким аст! Ӯ моро офарид ва медонад, ки дар қалбҳоямон чӣ дорем ва чӣ барои мо беҳтар аст. Ӯ ба дуоҳои мо ниёз надорад. Пас чаро мо дуо мекунем?

Ҳазрати Абдулбаҳо мегӯянд:

**“Дар волотарин ҳолати дуо инсон танҳо барои муҳаббати Илоҳӣ дуо мекунад, на аз сабаби хавф аз Ӯ ё аз нори ҷаҳаннам, ва на ба умеди неъматҳо ва ҷаннат... Вақте ки инсон мафтуни муҳаббати дигаре гардад, мумкин нест аз зикри маъшуқаш сабр ихтиёр кунад. Пас чӣ қадар душвортар аст, ки инсон мафтуни Худо бошад ва аз зикри номи Ӯ дам фурӯ бандад... Шахси рӯҳонӣ ба ҳеҷ чиз хурсандӣ наёбад магар ба зикри Илоҳӣ.”**[7]

Ва дар посух ба пурсише мефаҳмонанд:

**“Агар як дӯсте ба дигаре муҳаббат дорад, табиӣ нест, ки бихоҳад он муҳаббатро иброз диҳад? Бо он, ки медонад, ки он дӯсташ аз муҳаббати ӯ огоҳ аст, оё бо вуҷуди ин майл надорад эҳсосоти хшро ба ӯ баён кунад... Албатта Худо аз орзуҳои қалбҳо хабар дорад ва огоҳ аст, вале ангезае, ки инсонро ба муноҷот бо Ҳақ далолат мекунад аз эҳтиёҷоти табиат аст ва аз муҳаббати инсон ба Худованд сарчашма мегирад.”**[8]

1. Ҷумлаҳои зеринро пурра кунед:

   а. Дар дуои ________________________ мо танҳо барои________________________

   Худо ____________________, на аз он сабаб, ки тарс аз Ӯ дорем ё аз __________, ё умед ба__________________________ ё __________________________.

   б. Вақте ки мо инсони дигареро ____________________ медорем мо ______________ аз зикри номи дӯстдоштаамон худдорӣ кунем. Чӣ қадар аз зикри номи Худо худдорӣ кардан __________________ аст, вақте ки мо Худоро ____________________.

   в. Инсони руҳонӣ аз ҳеҷ чиз _______________________намебарад, магар аз ________ Худо.

2. Мо барои чӣ дуо мекунем? ________________________________________________

________________________________________________________________________

3. Ибораи “ёди Худо” чӣ маъно дорад? ____________________________________

________________________________________________________________________

4. Хоҳиши зиёдтарини як шахсе, ки шахси дигареро дӯст медорад, чист? _______

________________________________________________________________________

________________________________________________________________________

5. Хоҳиши дуо хондан аз чӣ сарчашма мегирад? __________________________

________________________________________________________________________

**БАХШИ 4**

Дар дуое, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ нозил кардаанд, мо мехонем:

**"Ниёз мекунам Туро...то намози маро оташе бигардонӣ, то пардаҳоеро, ки маро аз мушоҳидаи Зебоии Ту бозмедоранд бисӯзонад ва равшание, ки ба дарёи Висоли Ту бирасонад."**[9]

Мо дар ҳамон дуо аз Худо чунин мехоҳем:

**"Эй Парвардигори ман, намози маро чашмаи оби зиндагонӣ бигардон, то ба воситаи он ҷавҳари ман чандон пойдор бимонад, ки фармонравоии Ту пойдор хоҳад монд ва дар ҳар ҷаҳоне аз ҷаҳонҳоят Туро ёд намояд."**[10]

1. Ба кадом маъно дуо метавонад ба оташ монанд бошад? Он чиро месӯзонад?

_______________________________________________

2. Баъзе пардаҳоеро зикр кунед, ки моро аз дидори Худо мебанданд: ____________

_______________________________________________

_______________________________________________

3. Оё дуо метавонад мисли рушноӣ бошад? Он моро ба куҷо мебарад? ___________

_______________________________________________

_______________________________________________

4. Оё дуо мисли чашмаи обҳои зиндагонӣ буда метавонад? Он ба руҳи мо чӣ мебахшад? _______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

**БАХШИ 5**

Суханони зерини Ҳазрати Абдулбаҳоро бихонед ва дар бораи онҳо фикр кунед:

**"Дар олами вуҷуд чизе ширинтар аз дуо нест. Инсон бояд дар ҳолати дуо зиндагӣ кунад. Муқаддастарин ҳолат, ҳолати дуо ва зорӣ аст. Дуо ин гуфтугӯ бо Парвардигор аст. Бузургтарин дастовард ё ширинтарин ҳолат чизе ҷуз гуфтугӯ бо Худо нест. Дуо сабабгари маънавият, таваҷҷӯҳ ва эҳсосҳои Илоҳӣ сабаби ҷазбшуданҳои ҷадид ба малакут аст ва омили эҷоди қувва ва истеъдоди волотари ҳушро ба вуҷуд меорад."**[11(тарҷума)]

1. Дар олами ҳастӣ ширинтарин ҳолат кадом аст? ______________________________

____________________________________________________________

2. Ибораи «ҳолати дуо» чӣ маъно дорад? ______________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

3. Баъзе аз сифатҳоеро, ки дуо эҷод мекунад, номбар кунед: _______________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

4. Иқтибосҳоеро, ки дар ин чанд бахш омӯхтаед, аз назар гузаронед ва дар бораи моҳияти дуо панҷ ибора нависед.

- Дуо __________________________________________ аст
- Дуо __________________________________________ аст
- Дуо __________________________________________ аст
- Дуо __________________________________________ аст
- Дуо __________________________________________ аст

## БАХШИ 6

Суханони зерини Ҳазрати Баҳоуллоҳро бихонед ва дар бораи онҳо мулоҳиза кунед:

> **“Эй бандаи ман, оятҳои Худоро, ки ба дасти ту расидааст, мисли онҳое, бисарой, ки ба Ӯ наздик шудаанд, то ширинии навои ту ҷонатро афрӯзад ва дили ҳамаи одамонро ба худ ҷазб кунад. Ҳар кӣ оятҳои нозилкардаи Худоро ба танҳоӣ дар ҳуҷраи худ қироат кунад, фариштагони Худои Мутаъол атри он суханонро, ки лабони ӯ мегӯянд, пароканда мекунанд ва қалби ҳар солеҳро ба тапиш меоранд. Ҳарчанд ӯ дар аввал аз таъсири он бехабар мемонад, аммо фазилати файзе, ки ба ӯ дода шудааст, дер ё зуд ба рӯҳи ӯ таъсир хоҳад расонд. Ин аст асрори Ваҳйи Худо, ки ҳамин тавр ба хости Худое, ки Сарчашмаи қувват ва ҳикмат аст, муқаррар шудааст.”**[12]

1. Калимаи “бисарой” чӣ маъно дорад? ______________________________
____________________________________________________________

2. Мо оятҳои Худоро чӣ гуна бояд бисароем? __________________________
____________________________________________________________

3. Калимаи “қироат” чӣ маъно дорад? ______________________________

______________________________________________

4. Калимаи “пароканда” чӣ маъно дорад? ______________________________________________

5. Ширинии навои сурудани мо ба руҳи худи мо чӣ таъсир хоҳад расонид? ______________________________________________

6. Ширинии навои сурудани мо ба қалби дигарон чӣ таъсире хоҳад гузошт? ______________________________________________

## БАХШИ 7

Шумо метавонед ду порчаи зеринро аз дуое, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ нозил кардаанд, аз ёд кунед:

**“Худои ман, Худои ман! Ба орзуҳои ман ва рафторҳои ман нигоҳ макун, балки ба хости Худ, ки осмонҳо ва заминро фаро гирифтааст, нигоҳ кун. Ба номи Бузугтарини Ту савганд, эй Дорандаи мардумон! Танҳо он чиро мехостам, ки Ту мехостӣ ва танҳо он чиро дӯст медорам, ки Ту дӯст медорӣ.”**[13]

**“Ту пок ва бисёр баландӣ, аз ин ки ба осмони наздикии Ту ёдҳои наздикшудагон бирасанд, ё паррандагони дилҳои дӯстони бериё ба остони дарвозаи Ту бирасанд. Гувоҳӣ медиҳам ба ин ки покӣ аз ситоишҳо ва покизаӣ аз номҳо. Нест Худое, ҷуз Ту Бисёр Баланд ва Бисёр Дурахшон.”**[14]

## БАХШИ 8

Ҳазрати Абдулбаҳо мефармоянд:

**Шоиста аст, ки банда ба сӯи Парвардигор дуо ва талаби мусоидат кунад ва ба илтимос ва зорӣ аз Ӯ мадад ҷӯяд. Ин аст рутбаи убуддият ва Парвардигор ҳар он чӣ бихоҳад тибқи ҳикмати комилаш ҳукм мекунад.”**[15]

Ва боз мефармояд:

**“Руҳ қувваи таъсирбахш дорад ва ҳамчунин дуо ва муноҷот таъсири руҳонӣ дорад. Аз ин рӯ, мо дуо мекунем: “Худоё! Ин беморро шифо деҳ!” Шояд Худованд иҷобат намояд. Оё муҳим аст, чӣ фарде ин дуоро мехонад? Худованд дуои ҳар бандаро иҷобат менамояд, агар ба ҳолати тавалло ва зорӣ бошад. Фазли Ӯ беинтиҳост. Дуои ҳамаи бандагони Худро иҷобат мекунад. Дуои ин гиёҳро, ки билқувва муноҷот мекунад:**

**"Худоё! Ба ман борон бифирист!" Худо дуои ӯро иҷобат мекунад ва он гиёҳ рушд мекунад. Худованд дуо ҳамаро иҷобат мекунад."[16]**

Табиист, ки дар дуоҳои худ мо аз Худо хоҳиш мекунем, ки эҳтиёҷи моро таъмин кунад. Хамин тавр мо барои саломатии худ ва наздиконамон дуо мекунем, барои пешрафти маънавию моддии оилаамон дуо мекунем ва бо талаби ҳидоят дуо мекунем. Мо қувват, имон ва тасдиқи Илоҳӣ дар роҳи хидмат талаб мекунем. Ҳангоми ба Худо дуо кардан, мо, албатта, бояд дар хотир дошта бошем, ки ҳадафи мо дар зиндагӣ мувофиқ кардани иродаи худ бо иродаи Ӯст. Аз ин рӯ, мо бояд барои иҷро шудани иродаи Ӯ дуо гӯем, ва омода бошем, ки ба он итоат кунем. Агар шумо суханони зерини Ҳазрати Абдулбаҳоро ба ёд оред, онҳо ҳамеша барои шумо манбаи шодӣ ва эътимод хоҳанд буд:

**"Эй мутаваҷҷеҳи Иллаллоҳ! Чашм аз ҷамеи мосиво барбанд ва ба малакути Абҳо баркушо. Ҳар чӣ хоҳӣ аз Ӯ хоҳ. Ҳар чӣ металабӣ, аз Ӯ талаб. Бо назаре сад ҳазор ҳоҷат раво намояд, бо илтифоте сад ҳазор дарди бедармон даво кунад, бо инъитофе захмҳоро малҳам ниҳад, бо нигоҳе дилҳоро аз қайди ғам бираҳонад. Ҳар чӣ кунад Ӯ кунад, мо чӣ тавонем кард? Ва Ӯ хости Худро иҷро мекунад ва ҳар чӣ бихоҳад, муқаррар мекунад. Пас сари таслим неҳ ва таваккал ба Рабби Раҳим беҳ."[17]**

## БАХШИ 9

Аз ҳамаи он чизе ки мо то имрӯз омӯхтаем, маълум мешавад, ки рӯ овардан ба Худо дар дуо як талаботи муҳими ҳаёти рӯҳонӣ мебошад. Чӣ қадар ин ширин аст, вақте ки субҳ, пас аз бедоршавӣ, ва шаб, пеш аз хоб, ба Худо дуо гӯянд. Миқдори вақте ки барои намози ҳаррӯза ва шумораи дуоҳое, ки мо мегӯем, ба ниёзҳои мо ва ташнагии рӯҳонии мо вобаста аст. Дар ҳар маврид мо метавонем аз дуоҳои зиёде, ки Ҳазратҳои Баҳоуллоҳ, Боб ва Абдулбаҳо нозил карданд, интихоб кунем. Аммо Ҳазрати Баҳоуллоҳ ҳамчунин се намози фарзро нозил кардаанд. Ҳазрати Шавқи Афандӣ мегӯянд:

**"Се салоти ҳаррӯза нозил шудааст . Салоти сағир аз як оя иборат, ки ҳар як бисту чаҳор соат як маротиба дар нисфирӯзӣ хонда шавад. Намози миёна, ки бо калимаи "Парвардигоро гувоҳ аст, ки маъбуде ҷуз Ӯ нест" оғоз мешавад, бояд ҳар рӯз се бор дар субҳ, нисфирӯзӣ ва шом қироат шавад. Ин дуо бо баъзе амалҳо ва ҳаракатҳои ҷисмонӣ бояд ҳамроҳ бошад. Намози дароз, ки мукаммалтарини ин се намоз аст, бояд дар ҳар бисту чаҳор соат як бор хонда шавад, ва дар ҳар вақте ки майли хондани онро дошта бошанд.**

**Мӯъмин дар интихоби яке аз ин се намоз комилан озод аст, вале воҷиб аст, ки якеи онҳоро бихонад дар мувофиқат бо ҳар дастури мушаххасе, ки ин намоз бояд бо он хонда шавад.”[18]**

Ва идома медиҳанд:

**“Ба ин намозҳои фарзии ҳаррӯза, дар якҷоягӣ бо чанд лавҳҳои дигари мушаххас, аз қабили “Лавҳи шифо”, “Лавҳи Аҳмад” аз ҷониби Ҳазрати Баҳоуллоҳ қудрат ва аҳамияти хосе бахшида шудааст ва аз ин рӯ, онҳо бояд ҳамчунон пазируфта шаванд; ва бояд онҳоро мӯъминон бо имон ва эътимоди бечунучаро қироат кунанд, то аз тариқи он ба Худованд наздиктарии бештаре ҷӯянд ва комилтар аз пеш бо аҳком ва Амрҳояш ҳамроҳ ва ҳамдил бошанд.”[19]**

Се намози фарз, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ нозил кардаанд, ҳар кадом дар танҳоӣ хонда мешавад. Намози ҷомеъе, ки дар он намози фарз гурӯҳӣ, тибқи расму дастури муайян хонда мешавад, дар диёнати Баҳоӣ вуҷуд надорад. Дуои ҷаноза ягона намози ҷомеъ аст, ки қонуни Баҳоӣ муқаррар кардааст. Он бояд пеш аз дафн аз ҷониби яке аз ҳозирон хонда шавад, дар ҳоле ки боқимондаи гурӯҳ хомӯш меистанд.

1. Калимаи “фарзӣ” чӣ маъно дорад? ____________________

 ____________________

2. Ҳазрати Баҳоуллоҳ чанд намози фарзро нозил кардаанд? ____________________

 ____________________

3. Оё ҳар рӯз бояд ҳар се намозро бихонем? ____________________

4. Агар мо намози дарози фарзро бихонем, ҳар рӯз бояд чанд маротиба онро бихонем? ____________________
5. Чанд бор, агар намози миёнаро бихонем? ____________________
6. Чанд маротиба, агар намози кӯтоҳи фарзро интихоб кунем? ____________________
7. Баъзе аз дуоҳоеро, ки қудрати махсус доранд, зикр кунед: ____________________

 ____________________

 ____________________

Намози кӯтоҳи фарзро, агар то ҳол нахондаед, аз ёд кунед:

**“Гувоҳӣ медиҳам, эй Худои ман, ки Ту маро офаридаӣ, то Туро бишиносам ва Туро парастиш намоям.**

**Гувоҳӣ медиҳам, дар ин ҳангом, ба нотавоноии худ ва тавоноии ва бенавоии худ ва дороии Ту.**

**Нест Худое, ҷуз Ту Нигаҳбон ва Ҷовидон.”[20]**

8. Дар ин намоз мо ба чӣ шаҳодат медиҳем? ____________________

____________________

**БАХШИ 10**

Дар хотир бояд дошт, ки дар баробари савобе, ки аз итоати намози фарз ва ғизое, руҳоние, ки аз дар танҳоӣ хондани дуоҳои дигар ба даст меорем, ҳангоми шунидани дуо дар ҷамъомадҳои агарчӣ хурд ва ё бузург, руҳи мо болида мешавад. Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо мегӯянд:

> **"Бо ҳам дар камоли сурур ва дӯстӣ ҷамъ шавед ва оёти аз Қалами Рабил Раҳим нозил шударо тиловат намоед. Ба ин тариқ, дарҳои ирфони ҳақиқӣ бар рӯи ботини шумо боз хоҳанд шуд ва шумо эҳсос хоҳед кард, ки ба нафсатон устуворӣ бахшида мешавад, ва қалбатон саршор аз сурур аст." 21 (тачума)**

Ҳамаи мо аз он беандоза хурсандем, ки дар саросари ҷаҳон ҷамъомадҳои дуохонӣ, ки дар он дӯстон ва ҳамсоягон барои муоширaт бо Худо ҷамъ меоянд, ҳазорон карат зиёд мешаванд. Байтул Адли Умумиҷаҳонӣ менависад:

> **"Маҷлисҳои дуо мавридҳое мебошанд, ки ҳар руҳе (одаме) метавонад ворид шавад, аз атрҳои хуши малакутӣ биошомад, лаззати дуоро эҳсос кунад, дар бораи Каломи Офаранда мулоҳиза кунад, бо болҳои руҳ парвоз кунад ва бо Маҳбуби ягона муоширaт кунад. Дар он мавридҳо эҳсоси ҳамбастагӣ ва ҳадафи муштарак тавлид мешавад, ба хусус дар сӯҳбатҳои рӯҳбаландсоз, ки табиатан дар чунин вақтҳо рух медиҳанд ва тавассути онҳо "шаҳрҳои дили инсонҳо" кушода мешавад."[22]**

Вақте мо эҳсоси хоҳиши хондани дуо мекунем, мо як лаҳза оромона интизор мешавем, то ақли худро аз чизҳои ин ҷаҳон пок кунем. Ҳангоми дуо, мо фикрҳои худро фақат равона ба сӯи Худо нигоҳ медорем. Пас аз хондани дуо чанд лаҳзае хомӯширо риоя мекунем, ва якбора ба кори дигар намегузарем. Ҳамаи ин барои он мавридҳое ҳам, ки мо дуоҳои дигаронро дар ҷамъомад гӯш мекунем, дуруст аст. Дар чунин мавридҳо мо ҳолати дуоро нигоҳ медорем ва калимаҳоро бо диққатамон пайравӣ мекунем, гӯё ки худи мо онҳоро мехонда бошем.

1. Ҳангоми қироати оятҳои Худо мо бояд бо кадом рӯҳия ҷамъ шавем? ________

____________________

2. Ҷамъ омадани мо барои тиловати оёти Худо чӣ натиҷа хоҳад дод? __________

____________________

____________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

3. Ҷаласаҳои дуо мавридҳое мебошанд, ки ҳар як руҳ метавонад

–________________________ ,

–________________________ ,

– ________________________,

–________________________ ,

ва – ________________________.

5. Дар вохӯриҳои дуохонӣ чӣ ҳиссиёте пайдо мешавад? ________________________

______________________________________________________________________

6. Сӯҳбатҳое, ки касро рӯҳбаланд месозанд, ки онҳо табиатан дар вохӯриҳои дуохонӣ рух медиҳанд, чӣ таъсире мерасонанд? ________________________

______________________________________________________________________

7. Дар бораи муносибати эҳтиромонае, ки мо бояд ҳангоми дуо, хоҳ дар танҳоӣ ва хоҳ дар ҷамъомад зоҳир кунем, чанд сухан бинависед.

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

## БАХШИ 11

Бахши аввали ин китоб ба одати мутолиаи ҳаррузаи порчаҳо аз Осори Муборака ва андеша оиди маънии онҳо бахшида шуда буд. Шумо дар ин ҷо дар бораи аҳамияти намоз ва дуо фикр рондаед ва дар натиҷа, одати дуо ва намозхонии ҳаррӯзаро мустаҳкам кардаед. Бахши қаблӣ аҳамияти ибодати дастиҷамъиро ба диққати шумо овард. Ҳамаи он чизе, ки шумо то имрӯз омӯхтаед, шуморо омода кардааст, ки агар шумо хоҳед, дар роҳи хидмат як амали аввалинро анҷом диҳед: мизбони вохӯриҳо барои ҷамъомадҳо барои хондани дуо шавед.

Ҳамчун як қадами аввал, шумо метавонед чанд дуоеро аз ёд кунед ва имконият пайдо кунед, ки онҳоро бо чанде аз дӯстон мубодила кунед. Ҳамзамон, шумо метавонед чунон тартиб диҳед, ки ҳадди аққал дар як вохӯрии дуохонӣ дар ҷомеаи худ ширкат варзед ва дар байни ҷонибдорони дилгарми он шуморида

шавед. Дар ниҳоят, шумо метавонед қарор диҳед, ки худатон як вохӯрӣ барои дуо баргузор кунед ва дӯстон, аъзоёни оила ва ҳамсоягони худро даъват кунед, ки мунтазам барои дуо ва дӯстиву рафоқат ҷамъ шаванд. Ин чизи ғайриоддие нахоҳад буд, агар ду-се нафар аз шунавандагони ин курс, дар якҷоягӣ бо ҳам чунин вохуриро шуруъ кунанд.

Тавре ки шумо тасаввур карда метавонед, ҳеҷ гуна формулаҳое барои ташкили вохӯрӣ барои дуо вуҷуд надоранд. Аммо ин баръало як ҷамъомади дӯстон аст, ки дар он дуоҳо хонда мешаванд, порчаҳо аз Осори Муборака қироат мешаванд ва сӯҳбатҳои рӯҳбаландкунанда сурат мегиранд – ҳамаи он дар фазои руҳонӣ. Оё шумо метавонед дар бораи ҳар яке аз ғояҳои зерин, оиди баргузор кардани маҷлиси дуо чанд сухан бигӯед?

Даъватҳои гарм ва меҳрубонона: ____________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Эҷоди муҳити мусоид: ____________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Нигоҳ доштани фазои боэҳтиром: ____________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Ташвиқи муошрати сururомез: ____________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Барангезандаи (ташвиққунандаи) сӯҳбатҳои руҳонӣ: ____________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

**МАРОҶЕЪ:**


1. Gleanings from the Writings of Bahá’u’lláh (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 1983, 2017 printing), XLIII, par. 4, p. 105.

2. Bahá’u’lláh, in Trustworthiness: A Compilation of Extracts from the Bahá’í Writings, compiled by the Research Department of the Universal House of Justice (London: Bahá’í Publishing Trust, 1987), no. 21, p. 5.

3. The Call of the Divine Beloved: Selected Mystical Works of Bahá’u’lláh (Haifa: Bahá’í World Centre, 2018), no. 2.43, p. 31.

4. From a talk given on 5 May 1912, published in The Promulgation of Universal Peace: Talks Delivered by ‘Abdu’l-Bahá during His Visit to the United States and Canada in 1912 (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2012), p. 127.

5. Bahá’u’lláh, The Hidden Words (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 2003, 2012 printing), Arabic no. 13, pp. 6–7.

6. From a letter dated 8 December 1935 written on behalf of Shoghi Effendi, published in Prayer and Devotional Life: A Compilation of Extracts from the Writings of Bahá’u’lláh, the Báb, and ‘Abdu’l-Bahá and the Letters of Shoghi Effendi and the Universal House of Justice, compiled by the Research Department of the Universal House of Justice (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2019), no. 71, p. 31.

7. Words of ‘Abdu’l-Bahá, cited by J. E. Esslemont, Bahá’u’lláh and the New Era: An Introduction to the Bahá’í Faith (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2006, 2017 printing), p. 106.

8. Ibid.

9. Bahá’u’lláh, in Bahá’í Prayers: A Selection of Prayers Revealed by Bahá’u’lláh, the Báb, and ‘Abdu’l-Bahá (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 2002, 2017 printing), pp. 7–8.

10. Ibid., p. 9.

11. Words of ‘Abdu’l-Bahá, cited in Star of the West, vol. 8, no. 4 (17 May 1917), p. 41.

12. Gleanings from the Writings of Bahá’u’lláh, CXXXVI, par. 2, p. 334; also in Bahá’í Prayers, p. iii.

13. Bahá’u’lláh, in Bahá’ í Prayers, pp. 8–9.

14. Ibid., p. 12.

15. ‘Abdu’l-Bahá, in Prayer and Devotional Life, no. 24, p. 7.

16. From a talk given by ‘Abdu’l-Bahá on 5 August 1912, published in The Promulgation of Universal Peace, p. 345.

17. Selections from the Writings of ‘Abdu’l-Bahá (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2010, 2015 printing), no. 22.1, pp. 75–76.

18. From a letter dated 10 January 1936 written on behalf of Shoghi Effendi, published in Prayer and Devotional Life, no. 61, p. 25.

19. From a letter dated 10 January 1936 written on behalf of Shoghi Effendi, quoted in Bahá’í Prayers, p. 301.

20. Bahá’u’lláh, in Bahá’ í Prayers, p. 4.

21. Bahá’u’lláh, in Prayer and Devotional Life, no. 68, p. 29.

22. From a message dated 29 December 2015, published in Framework for Action: Selected Messages of the Universal House of Justice and Supplementary Material, 2006–2016 (West Palm Beach: Palabra Publications, 2017), no. 35.49, p. 232.



# Зиндагӣ ва марг

Мақсад

Дарки ин матлаб, ки зиндагӣ фақат тағйирот ва имкониятҳои мавҷуд дар ин ҷаҳон нест, балки аҳамияти ҳақии он дар парвариши руҳ аст.

**БАХШИ 1**

Руҳи инсон аз модда ва ҷаҳони ҷисмонӣ болотар аст. Дар яке аз нутқҳои худ Ҳазрати Абдулбаҳо шарҳ медиҳанд:

> **“Ин ҷисмҳои моддӣ аз унсурҳо (атомҳо) иборатанд; вақте ки ин унсурҳо аз ҳам ҷудо мешаванд, вайроншавӣ сар мешавад ва он гоҳ чизе рӯй медиҳад, ки мо онро марг меномем. . . .**
>
> **Бо ҷон он дигар тавр аст. Руҳ маҷмӯи унсурҳо нест, аз маҷмӯаи атомҳо иборат нест, вай як мавҷудияти тақсимнашаванда аст ва аз ин рӯ абадӣ аст. Он комилан ба олами офариниши ҷисмонӣ дахл надорад; он ҷовидон аст!”[1]**

1. Мафҳуми “иборат аз...” чӣ маъно дорад? ________________________________________

2. Оё руҳи инсон мисли ҷисмҳои моддӣ аз унсурҳои гуногун иборат аст? ________

3. Оё руҳи инсон мавҷудияти ҷисмонӣ аст? ________________________________________

**БАХШИ 2**

Дар номае, ки аз номи Ҳазрати Валии Амруллоҳ навишта шудааст, гуфта мешавад, ки “руҳи одам хангоми бордоршавӣ ба вучуд меояд.”[2] Дар ҷавоби саволе дар бораи маънои “бордоршавӣ” Байтул Адли Умумиҷахонӣ инро қайд мекунад:

> "Ҳеҷ чиз дар Осори Муборакаи Баҳоӣ ёфт нашуд, ки лаҳзаи биологӣ ва табиати ҳодисаи ҳамчун "бордоршавӣ" тавсифшударо дақиқ муайян кунад. Истифодаи ин истилоҳ дар заминаи тиббӣ низ номуайян ба назар мерасад. Дар ҳақиқат, як фаҳмиши ин мафҳуми бордоршавӣ он аст, ки он бо лаҳзаи бордоршавӣ мувофиқат мекунад; Дигар ин ки он пас аз бордорӣ ва имплантатсия, ҳангоми фарорасии ҳомиладорӣ рух медиҳад. Ҳамин тариқ, шояд донистани он, ки робитаи руҳ бо ҳайкали моддӣ кай ба вуқӯъ меояд, ғайриимкон аст ва чунин саволҳо метавонанд аз ҷониби андеша ё таҳқиқи инсон ҳалнашаванда бошанд, зеро онҳо ба асрори олами рӯҳонӣ ва табиати худи рӯҳ рабт доранд.”[3]

1. Руҳи инсон кай ба вуҷуд меояд? ________________________________________
________________________________________________________________________

2. Оё истилоҳи “бордорӣ” лаҳзаи дақиқи биологиро тавсиф мекунад __________
________________________________________________________________________

**БАХШИ 3**

Пайванди байни рух ва ҷисм моддӣ нест; руҳ ба бадан намедарояд ё аз он берун намешавад, ва фазои ҷисмониро ишғол намекунад. Муносибати он бо бадан ба равшанӣ дар оинае, ки онро инъикос мекунад, монанд аст. Равшание, ки дар оина пайдо мешавад, дар дохили он нест. Дуруст мисли ин, руҳ дар даруни бадан нест. Тавре ки Ҳазрати Абдулбаҳо ишора мефармоянд,

> **"Нафси нотиқа, яъне руҳи инсонӣ новобаста аз ин ҷисм вуҷуд дорад, яъне ба он дохил намешавад; зеро вобаста будан ва даромадан хусусияти ҷисмҳост ва нафси нотиқа аз он болотар ва муқаддас аст. Он ҳеҷ гоҳ ба ин бадан дохил нашудааст, то ки ҳангоми баромадан аз он, эҳтиёҷ ба манзили дигаре дошта бошад. На, пайванди руҳ бо бадан ба мисли пайвастани ин чароғ бо оина аст. Агар оина покиза ва сайқал дода шавад, равшании чароғ дар он пайдо мешавад ва агар оина шикаста ё ғуборолуд бошад, равшанӣ пинҳон мемонад."**[4]

1. Ҷойҳои холиро дар ҷумлаҳои зерин пур кунед.

   а. Руҳи оқил, ё __________, новобаста из ин ҷисм вуҷуд дорад - яъне _____ ____ ___________ ______________.

   б. ______________________, ё руҳи инсон, ба бадан дохил намешавад; зеро вобаста будан ва даромадан ______________________________________________, ва руҳи оқил __________________________________________________________________аст.

   в. Руҳ ҳеҷ гоҳ ____________________________________________, то ки ҳангоми баромадан аз он, ____________________________________________.

   г. Пайванди руҳ бо бадан монанди пайванди ____________________________________.

   д. Агар оина покиза ва сайқал дода шавад, _________________________дар он пайдо мешавад.

   е. Агар оина шикаста ё ғуборолуд бошад, ________________________________________.

2. Дар асоси он чизе, ки то имрӯз омӯхтаем, муайян кунед, ки оё инҳо дурустанд ё не:

   ____ Руҳ ба олами ҷисмонӣ тааллуқ надорад.

   ____ Руҳ дар бадан ҷойгир аст.

   ____ Ҷисм соҳиби рӯҳ аст.

   ____ Руҳ ҷовидон аст.

   ____ Вақте ки руҳ худро бо ҷанин пайваст мекунад, инсон ба вуҷуд меояд.

   ____ Ҳаёт вақте оғоз мешавад, ки шахс дар ин ҷаҳон таваллуд мешавад.

   ____ Мавҷудияти моддии шахс пас аз марг идома меёбад.

   ____ Ҳаёт он аст, ки ҳар рӯз бо мо рӯй медиҳанд.

3. Тасвири равшанӣ ва оинаро барои тавсифи робитаи руҳ бо бадан истифода баред: ______________________________

______________________________

______________________________

______________________________

______________________________

**БАХШИ 4**

Дар байни руҳ ва ҷисм, ки якҷоя инсонро ташкил медиҳанд, робитаи байниҳамдигарии хеле махсус вуҷуд дорад. Ин робита танҳо дар тӯли умр давом дорад. Вақте ки ин робитаи байни онҳо қатъ мегардад, ҳар як ба асли худ бармегардад - ҷисм ба ҷаҳони хок ва руҳ ба ҷаҳонҳои рӯҳонии Худо, ки дар он ҷо пешрафташ давом меёбад. Ҳазрати Абдулбаҳо мефармоянд:

**“Руҳи инсон ибтидо дорад, аммо интиҳо надорад: он то абад мавҷуд аст.”**[5]

Дар яке аз нутқҳои Худ Ӯ тавзеҳ медиҳад:

**“Руҳ мӯҳтоҷ ба ҷисм нест, ҷисм мӯҳтоҷ ба руҳ аст. Руҳ ба ҷисм зинда нест, ҷисм ба руҳ зинда аст.”**[6]

Ва Ҳазрати Валии Амр тавзеҳ медиҳанд:

**“Дар робита ба рӯҳи инсон: Тибқи таълимоти Баҳоӣ руҳи инсон аз ташаккули ҷанини инсон оғоз мешавад ва пас аз ҷудо шуданаш аз бадан инкишоф ёфта, марҳилаҳои беохири мавҷудиятро аз сар мегузаронад. Ҳамин тариқ пешрафти он беохир аст.”**[7]

1. Бо назардошти иқтибосҳои дар боло овардашуда, ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

а. Оё ҷисм ба руҳ ниёз дорад? ______________________________

б. Оё руҳ ба ҷисм ниёз дорад? ______________________________

в. Вақте ки мо мемирем, бо пайванди ҷисм ва руҳ чӣ мешавад? ______________

______________________________

г. Пас аз марг бо руҳ чӣ мешавад? ______________________________

______________________________

д. Тараққии руҳ то кай давом мекунад? ______________________________

______________________________

е. Ҳаёт кай ба охир мерасад? ______________________________

______________________________

2. Муайян кунед, ки кадоме аз инҳо бо он чизе, ки мо дар ин бахшҳо омӯхтаем, мувофиқ аст:

____ Марг ҷазост.
____ Пайванди байни ҷисм ва руҳ танҳо дар тӯли як умри миранда давом мекунад.
____ Ҷисм қодир ба пешрафти абадӣ аст.
____ Руҳ то абад пешрафт хоҳад кард.
____ Марг охири ҳаёт аст.
____ Рӯзи қиёмат хоҳад расид, ки ҷисмҳои мо аз хок бармехезанд.
____ Ҳангоми марг, руҳ назар ба пештара озодии бештар дорад.
____ Ҳаёт бо марг тамом мешавад.
____ Мо бояд аз марг тарсем.
____ Хӯрок, сару либос, истироҳат, фароғат барои руҳ зарур аст.
____ Вақте ки бадан энергияи худро тамоман сарф мекунад, рӯҳ монда мешавад.
____ Ба руҳ бепорӣ ва заъфи ҷисм таъсир намекунад.
____ Инсон пас аз марг ҳанӯз ниёзҳои ҷисмонӣ хоҳад дошт.

## БАХШИ 5

Мо дидем, ки руҳ фазои ҷисмониро ишғол намекунад, ва мисли мавҷудоти моддӣ аз рӯи қонунҳои табиат амал намекунад. Руҳ ба воситаи бадан ба олам таъсир мерасонад, аммо ин ягона василае нест, ки руҳ тавассути он қудрати худро метавонад ошкор кунад. Ҳазрати Баҳоуллоҳ мегӯянд:

**“Ба ростӣ мегӯям, ки руҳи инсон болотар аз ҳар гуна ҳаракат ба пеш ва ақиб аст. Он беҳаракат аст, вале ба боло парвоз мекунад; дар ҳоли ҳаракат аст ва дар айни ҳол ором ва сокин.”**[8]

Ва Ҳазрати Абдулбаҳо ба мо мегӯянд:

**“Бидон, ки таъсир ва дарки руҳи инсон ду навъ аст; яъне руҳи инсон ду тарзи амал ва фаҳмиш дорад. Яке аз усулҳо - ба воситаи асбобҳо ва узвҳои бадан аст. Ҳамин тавр ӯ бо чашм мебинад, бо гӯш мешунавад, бо забон ҳарф мезанад...**

**Дигар шеваи таъсир ва амали руҳ - бе ин асбоб ва узвҳои бадан аст.”**[9]

1. Дар ҷумлаҳои зерин холигиҳоро пур кунед:

а. Руҳи инсон болотар аз ҳар гуна____________________ва ________________________.

б. Он ________________________________аст, вале __________________________.

в. Он________________________аст ва дар айни ҳол ________________.

2. Ду роҳеро, ки рӯҳ ин ҷаҳонро дарк мекунад ва ба он таъсир мерасонад, тавсиф кунед: ________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

3. Метавонед дар бораи таъсир ва амали руҳ бидуни асбобҳои баданӣ мисолҳо оваред? ________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

## БАХШИ 6

Ҳоло, бо назардошти баҳси фаслҳои қаблӣ, порчаи зеринро аз Осори Муборакаи Баҳоуллоҳ хонед:

> **"Бидон, ки руҳи инсон аз ҳама нотавониҳои ҷисм ва ақл болотар аст ва ба онҳо вобаста нест. Дар шахси бемор аломатҳои заъф дар асл бо сабаби пайдо шудани монеаҳое аст, байни руҳ ва ҷисми ӯ, зеро ҳар гуна дардҳои ҷисмонӣ ба худи руҳ бетаъсир мемонад. Нури чароғро ба назар гиред. Ҳарчанд объекти беруна метавонад ба дурахши он халал расонад, худи нур бо қудрати камнашаванда медурахшад. Ба мисли он, ҳар бемории, ки бадани инсон ба он гирифтор мешавад, монеаест, ки руҳро аз зоҳир кардани қувват ва қудрати зотии ӯ бозмедорад. Аммо, вақте ки руҳ аз бадан ҷудо мешавад, он чунин қудрати олиеро зоҳир мекунад ва чунин таъсиреро ошкор хоҳад кард, ки ҳеҷ як қувва дар рӯи замин ба он баробар шуда наметавонад. Ҳар як руҳи пок, муназзаҳ ва муқаддасро қудрати беҳамто ато мешавад ва он аз шодии беандоза хурсанд хоҳад шуд."**[10.]

1. Бо суханони худ шарҳ диҳед, ки чӣ тавр руҳ аз заъфҳои ҷисм ё ақл бетаъсир мемонад ва ҳангоми ҷудо шудани он аз бадан ба ӯ чӣ равшан хоҳад шуд.

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

2. Оё мо пас аз марги ҷисми худ шахсияти худро нигоҳ медорем?________________

______________________________________________________________

**БАХШИ 7**

Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо мегӯянд:

**“Ва акнун оиди саволи ту дар бораи руҳи инсон ва зинда мондани он пас аз марг. Дар ҳақиқат бидон, ки руҳ пас аз ҷудо шудан аз бадан дар ҳоли пешрафт аст, то ба ҳузури Худо бирасад, дар чунин вазъият ва дар чунин ҳолате, ки на инқилоби қарнҳо ва асрҳо ва на тағйироту тақдири дунё, онро наметавонад тағйир диҳад. Он то даме ки Малакути Худо, ҳокимияти Ӯ, салтанат ва қудрати Ӯ пойдор аст, пойдор хоҳад буд. Ӯ аломатҳои Худо ва сифатҳои Ӯро ошкор хоҳад сохт ва лутфу марҳамати Ӯро зоҳир хоҳад кард.”**[11]

1. Пас аз марги ҷисмонӣ руҳ то кай пешравӣ мекунад? ____________________________

______________________________________________________________

2. Руҳ дар кадом ҳолат ва вазъият сафари абадии худро то ба ҳузури Худо идома медиҳад? ______________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

3. Баъзе аз сифатҳо ва нишонаҳоеро номбар кунед, ки руҳ дар он ҳолат зоҳир хоҳад кард? ______________________________________________________

______________________________________________________________

4. Дар асоси он чизе, ки то ин дам омӯхтаем, муайян кунед, ки оё инҳо дурустанд:

____ Малакути Худо то абад хоҳад буд.

____ Руҳ тавоноии зоҳир кардани сифатҳои Худоро дорад.

____ Дуоҳое, ки барои рафтагон мегӯем, ба пешравии руҳи онҳо таъсир намерасонад.

____ Руҳ ҳеҷ гоҳ мавҷудияти худро қатъ намекунад.

## БАХШИ 8

Ҳазрати Баҳоуллоҳ мефармоянд:

**“Бидонед, ки ҳар гӯши шунаво, агар пок ва беолоиш бошад, бояд ҳамеша ва аз ҳар тараф ба овозе гӯш диҳад, ки ин калимоти муқаддасро мегӯяд: "Ба дурустӣ, мо аз Худо омадаем ва ба сӯи Ӯ бозмегардем". Асрори марги ҷисмонии инсон ва бозгашти ӯ кашф нашудааст ва ҳануз ҳам ноомухта боқӣ мондааст...**

**Марг барои ҳар мӯъмин ҷомеро пешкаш мекунад, ки он худ ҳаёти ҳақиқӣ аст. Он сабаби сурур ва мояи хушбахтист. Он ҳаёти ҷовидониро ато мекунад.**

**Аммо онон, ки меваи зиндагонии заминии инсонро, ки он эътирофи Худои Ягонаи ҳақиқӣ аст - ҷалоли Ӯ азим бод, чашиданд, зиндагии охираташон чунон аст, ки мо аз тасвираш оҷизем. Илми он дар дасти Худост, ки Парвардигори ҷаҳониён аст.”[12]**

**“Эй писари Аълотарин! Маргро барои ту пайки шодмонӣ кардаам. Чаро ғамгин мешавӣ? Ман равшаниро фармудам ки бар ту ҷалолашро бирезад. Чаро аз он худро паси парда пинҳон мекунӣ?”[13]**

1. Кадоме аз гуфтаҳои зерин дурустанд?

____ Руҳи инсон аз ҷониби Худост ва ба сӯи Ӯ бозмегардад.
____ Ҳама дониш дар бораи ҳаёти пас аз марг бо Худост.
____ Барои мӯъмини боэътиқод, марг - ин ҳаёт аст.
____ Марг хабардиҳандаи шодӣ аст.
____ Асрори маргро ҳама медонанд.
____ Мо бояд неъматҳои ҳаётро қадр кунем, аммо аз марг натарсем, зеро он хабардиҳандаи шодӣ аст.
____ Барои мо донистан дар бораи ҳаёти пас аз марг муҳим нест.

2. Акнун бо назардошти он чизе, ки мо дар ин бахшҳо омӯхтаем, дар бораи ҳаёт, мамот, ҷисм ва руҳ чанд хате бинависед.

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

_______________________________________________________________________________
_______________________________________________________________________________
_______________________________________________________________________________
_______________________________________________________________________________
_______________________________________________________________________________

**БАХШИ 9**

Ҳазрати Абдулбаҳо тавзеҳ медиҳанд:

**“Инсон дар ибтидои умри худ дар дунёи батни модар буд, ки дар он қобилият ва шоистагии пешрафт дар ин дунёро пайдо кардааст. Неруҳое, ки барои ин ҷаҳон заруранд, ӯ дар он ҷаҳон ба даст овард. Дар ин дунё ба ӯ қувваи босира лозим буд; онҳоро дар дунёи батни модар ба даст овардааст. Дар ин дунё ба ӯ самъ лозим буд; онҳоро дар он ҷо ба даст овард. Ҳамаи неруҳое, ки дар ин ҷаҳон ба ӯ лозим буданд, дар олами батни модар ба даст овардааст. Дар он дунё барои ин дунё омода шуд ва чун вориди ин дунё шуд дид, ки дорои тамоми неруҳои лозима аст ва тамоми қисмҳои бадан ва узвҳои зарурии ин дунёро, дар он дунё соҳиб шудааст. Аз ин бармеояд, ки ӯ дар ин олам низ бояд барои олами дигар омода шавад. Он чизе ки дар ҷаҳони Салтанат ба ӯ лозим аст, бояд дар ин ҷо ба даст орад ва омода созад. Чӣ тавре ки ӯ неруҳои барои ин дунё зарурию дар дунёи батни модар ба даст овардааст, ҳамин тавр, вай бояд он чиро, ки дар дунёи Салтанат ба ӯ лозим аст - яъне тамоми он неруҳои осмониро – бояд дар ин дунё, ба даст орад.”[14]**

1. Муайян кунед, ки оё инҳо дурустанд ё не:

____ Тамоми қувваҳое, ки барои ин дунё заруранд, дар олами батни модар ба даст оварда мешаванд.

____ Барои зиндагӣ дар он дунё омода шудан лозим нест.

____ Он чизе, ки ба мо дар дунёи Салтанат лозим аст, бояд дар он ҷо ба даст оварда шавад.

____ Ҳадафи ин зиндагӣ - ба даст овардани неруҳоест, ки барои зиндагӣ дар дунёи охират заруранд.

____ Ҳаёти ҳақиқӣ вақте оғоз мешавад, ки шахс мемирад ва ба Салтанати илоҳӣ меравад.

____ Ҳаёти ҳақиқӣ дар ин дунё оғоз мешавад ва пас аз марги ҷисмонӣ идома меёбад.

2. Баъзе аз қобилиятҳое, ки инсон дар олами батни модар инкишоф медиҳад, кадомҳоянд? ______________________________________________

______________________________________________________________

3. Баъзе аз ҳадяҳое, ки дар ин ҷо барои ҳаёти пас аз марг бояд ба даст оварда шаванд, кадомҳоянд? ______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

**БАХШИ 10**

Ҳазрати Баҳоуллоҳ мефармоянд:

**“Дар ин рӯз вазифаи инсон дар он аст, ки аз селҳои файзи Илоҳӣ, он насиберо ки Худо барояш муқаддар сохтааст, бигирад. Аз ин рӯ, ҳеҷ кас набояд бузург будан ё хурд будани зарфро ба назар гирад. Насиби баъзеҳо дар кафи даст ҷой мегирад, қисмати баъзеи онҳо дар як қадаҳ, ва насиби сеюми ҳатто як кӯзаро пур мекунад.”[15]**

1. Бо назардошти иқтибоси боло ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

а. Вазифаи ҳар фард дар ин рӯз чист? ______________________________________________________________

______________________________________________________________

б. Баъзе аз файзҳое, ки шумо аз Худо гирифтаед, кадомҳоянд? ______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

в. Дар иқтибоси дар боло овардашуда калимаи “зарф” ба чӣ дахл дорад? ______________________________________________________________

______________________________________________________________

г. Чаро мо набояд “бузургӣ ё хурдӣ”-и қобилиятеро, ки ба мо ато шудааст, ба назар гирем? ______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

д. Баъзе аз чизҳое, ки моро аз гирифтани насиби мо аз файзи Худо бозмедоранд, кадоманд? ______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

2. Кадоме аз ин гуфтаҳо дурустанд?

___ “Бузурги ё хурдӣ”-и қобилияте, ки ба мо ато шудааст, ба он ишора мекунад, ки мо то чӣ андоза зирак ҳастем.

___ Барои ба Худо хизмат кардан мо бояд заъфҳои худро фаромӯш кунем ва ба Ӯ таваккал кунем.

___ Агар мо дар ин дунё қобилиятҳоеро, ки Худо ба мо ато кардааст, инкишоф надиҳем, вақте ки мо ба дунёи дигар мерасем, руҳи мо заиф хоҳад буд.

## БАХШИ 11

Ҳазрати Баҳоуллоҳ чунин мефармоянд:

**“Ту аз Ман дар бораи зоти руҳ пурсидӣ. Бидон, ки руҳ нишонаи Худост, гавҳари биҳиштист, ки донишмандтарини одамон ҳақиқати онро дарк накардаанд ва ҳеҷ ақлеро, ҳарчанд фарогирандатарин бошад ҳам, умед ба кашфи асрори он нест. Дар миёни махлуқот руҳ аввалин аст, ки камоли Офаридгори худро эълон мекунад, аввалинест, ки ҷалоли Ӯро мешиносад, ба ҳақиқати Ӯ сахт пайваста, дар назди Ӯ бо саҷда таъзим мекунад.”**[16]

1. Дар ҷумлаҳои зерин холигиҳоро пур кунед:

а. Руҳ ____________________ Худост____________________.

б. Руҳ он__________________________аст, ки донишмандтарини одамон ____________ӯро дарк накардаанд, ва ҳеҷ ақлеро, ҳарчанд фарогирандатарин бошад ҳам, умед ба______________________нест.

в. Руҳ он аст, ки ________________________________эълон кунад.

г. Руҳ аввалин аст, ки ҷалоли Худоро______________________.

д. Руҳ аввалинест, ки ба ҳақиқати Худо__________________________.

е. Руҳ аввалинест, ки дар назди Худо______________________ саҷда мекунад.

2. Кадоме аз ин гуфтаҳо дурустанд?

___ "Кашф кардан" маънои фаҳмиданро дорад.

___ Дар байни ҳамаи махлуқот, аввалине, ки Худоро эътироф мекунад, ақли инсон аст.

___ "Фарогирандатарин" ба маънои тез аст.

___ Одами донишманд сирри руҳро дарк мекунад.

___ Фақат файласуфони бузург метавонанд фазилати Худоро эълон кунанд.

___ Дар бораи руҳ фикр кардан лозим нест, зеро мо ҳеҷ гоҳ онро дарк карда наметавонем.

**БАХШИ 12**

Ҳазрати Баҳоуллоҳ чунин мефармоянд:

**“Шумо мисли паррандае ҳастед, ки бо тамоми қувваи болҳои тавонои худ ва бо эътимоди комил ва суруромез дар фазои беканори осмон парвоз мекунад, то он даме, ки барои қонеъ кардани гуруснагии худ бо ҳавас ба обу гили замини зерин рӯй меоварад, ва гирифтори доми ҳаваси худ гашта, дарк мекунад, ки нотавон аст, парвози худро ба мулкҳое болоие, ки аз он ҷо омадааст, идома диҳад. Он паррандае, ки то кунун сокини осмон буд, дар рафъи бори гарон, ки бар болу пари ӯ нишаста буд, нотавон аст, ва ҳоло маҷбур аст, ки дар хок макони зист ҷӯяд. Пас, эй бандагони Ман, болҳои хешро бо гили саркашӣ ва ҳавасҳои ботил олуда насозед ва нагузоред, ки ба ғубори ҳасад ва кина олуда шаванд, то битавонед ба суи осмони илми Илоҳии Ман парвоз кунед.”**[17]

1. Ҷумлаҳои зерро пурра кунед.

а. Паррандае, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар ин иқтибос ба он ишора мекунад, ____________ аст.

б. Ин парранда сокини_____________________________________________.

в. Агар болҳои он олуда шаванд, парранда маҷбур мешавад, ки макони худро дар ______________________________________________.

2. Акнун ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

а. Чӣ тавр “болҳои” руҳ “олуда” мешаванд? ____________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

б. Кадом намуди борҳо, ба мисли “обу гили замин” боли руҳро вазнин мекунад? ______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

в. Он кадом чизҳое ҳастанд, ки моро аз парвоз дар осмони илми илоҳӣ боз медоранд? ______________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

г. Чаро руҳ хонаи биҳиштии худро ба хоки ин ҷаҳон иваз мекунад? __________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

3. Муайян кунед, ки оё гуфтаҳои зерин дурустанд:

____ Дилбастагиҳои дунёӣ ба пешрафти маънавии мо халал мерасонанд.

____ Бепарвоӣ ва ҳавасҳои пучи мо моро аз парвоз дар осмони илми илоҳӣ бозмедорад.

____ Ҳасад ва бадбинӣ хислатҳои табиии инсон буда, ба руҳ вазнинӣ намекунад.

____ Мо метавонем худро аз бори гароне, ки моро аз парвоз дар осмони беканор халалдор мекунанд, бо роҳи инқитоъ аз чизҳои ин ҷаҳон халос кунем.

____ Манзили руҳ - ин олам аст.

**БАХШИ 13**

Ҳазрати Баҳоуллоҳ чунин мефармоянд:

**"Дунё ва тамоми он чиро, ки дар он зиндагӣ ва ҳаракат мекунанд, офарида, ба воситаи иродаи номаҳдуд ва соҳибихтиёри худ, Худованд инсонро интихоб кард, ки фарқият ва қобилияти беназири шинохтани Ӯ ва дӯст доштани Ӯро ато кунад – қобилияте, ки он ҳамчун сарчашмаи нерӯи ҳаётбахш ва мақсади аввалиндараҷаи тамоми офариниш ба ҳисоб меравад... Ӯ бар воқеияти ботинии ҳар як махлуқот нури яке аз исмҳои хешро афканд ва онро соҳиби ҷалоли яке аз сифатҳои Худ қарор дод. Аммо бар моҳияти инсон, дурахшиши тамоми номҳо ва сифатҳои хешро мутамарказ кардааст ва онро ба инъикоси Худи Худаш табдил дода аст. Аз ҳамаи махлуқот фақат инсон барои ин гуна фазли азим ва он гуна файзи абадӣ баргузида шудааст."**[18]

1. Ҷойҳои холии ҷумлаҳои зеринро пур кунед.

а. Худо инсонро интихоб кардааст, ки чунин фарқият ва чунон қобилияти беназири ________________________________ ато кунад.

б. Бар воқеияти ботинии ____________ махлуқ, Худо нури яке ______________ афканд ва онро соҳиби ҷалоли _________________________дод. Аммо бар воқеияти инсон дурахшиши тамоми ________________________мутамарказ кардааст ва онро ба_______________________________табдил додааст.

в. Аммо бар моҳияти инсон Худо дурахшиши________________________________ ва онро ба ____________________________________________________________.

2. Акнун ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

а. Оё шумо метавонед баъзе аз сифатҳои Худоро зикр кунед? ________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

б. Баъзе аз сифатҳои Худо кадомҳоянд, ки руҳи инсон метавонад онҳоро инъикос кунад?

в. Ин хислатҳо чӣ гуна метавонанд зоҳир шаванд? ____________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

г. Инсон барои кадом фазли азим интихоб шудааст? ___________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

3. Кадоме аз ин гуфтаҳо дурустанд?

____ Инсон аз дигар махлуқот фарқе надорад.

____ Қобилияти шинохтани Худо ва дӯст доштани Ӯ як нерӯи ҳаётбахш ва ҳадафи аввалиндараҷаи тамоми офариниш аст.

____ Ҳақиқати ҳар як махлуқ соҳиби яке аз сифатҳои Худост.

____ Руҳи инсон метавонад ҳамаи сифатҳои Худоро инъикос кунад.

## БАХШИ 14

Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо мегӯянд:

**“Ин неруҳое, ки Офтоби фазлҳои Илоҳӣ ва Манбаи ҳидояти осмонӣ ба ҳастии инсон ато кардааст, дар ӯ ниҳон аст, чунон ки шӯъла дар шамъ ниҳон аст ва нурҳои равшанӣ дар чароғ ниҳонанд. Дурахши ин неруҳо метавонад бо хоҳишҳои дунявӣ пӯшонида шавад, ҳамчунон ки равшании офтоб дар зери гарду хоке, ки оинаро мепӯшонад, пинҳон мешавад. На шамъ, на чароғ бо талоши худашон фурӯзон шуда наметавонанд ва ҳеҷ гоҳ имкон надорад, ки оина худ ба худ аз қабати гарду чанг тоза шавад. Равшан ва возеҳ аст, ки то шӯъла афрӯхта нашавад, чароғ ҳаргиз намеафрӯзад ва то қабати гарду чанг аз рӯи оина пок нагардад, он наметавонад тасвири офтобро зоҳир кунад ва нур ва ҷалоли онро инъикос кунад."**[19]

1. Маънои ибораи “ниҳон аст” чист? ______________________________
______________________________

2. Баъзе аз неруҳое, ки дар руҳи инсон ниҳонанд, кадомҳоянд? ______________
______________________________
______________________________

3. Чароғ чӣ хосияти ниҳонӣ дорад? ______________________________

4. Оина чӣ хосияти ниҳонӣ дорад? ______________________________

5. Чароғро чӣ бояд кард, то равшанӣ диҳад? ______________________________
______________________________

6 Бо оина чӣ кор кардан лозим аст, то он равшаниро инъикос кунад? _________
______________________________

7. Оё чароғ ва оина хосияти ниҳонии худро худ аз худ нишон дода метавонанд? ______________________________

8. Чӣ тавр мо ин ду мисолро ба ҳолати рӯҳи инсон алоқаманд карда метавонем? ______________________________
______________________________
______________________________
______________________________

9. Кӣ метавонад ба руҳи инсон кӯмак кунад, то ӯ қобилиятҳояшро зоҳир кунад? ______________________________

**БАХШИ 15**

Ҳазрати Баҳоуллоҳ чунин мефармоянд:

**“Дари дониши Вуҷуди Қадим ҳамеша бар рӯи башар баста буд ва то абад баста хоҳад буд. Ақли ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ ба даргоҳи муқаддасаш роҳ нахоҳад ёфт. Аммо ҳамчун нишонаи раҳмати Худ ва ҳамчун далели меҳрубонии муҳаббатомези Худ, Ӯ ба одамон Хуршедҳои ҳидояти Илоҳӣ, Рамзҳои ваҳдати Илоҳии Худро зоҳир кард ва фармуд ки шиносоии ин Мавҷудоти муқаддас баробар аст ба шинохтани Худи Ӯ. Ҳар кӣ онҳоро шинохт, Худоро шинохт. Ҳар кӣ ба даъвати онҳо гӯш дод, ба даъвати Худо гӯш додааст ва ҳар кӣ ба ҳақ будани Ваҳйи Онҳо шаҳодат медиҳад, ба ҳақ будани худи Худо шаҳодат додааст. Ҳар кӣ аз**

**онҳо рӯй гардонад, аз Худо рӯй гардонад ва ҳар кӣ ба Онҳо бовар накунад, ба Худо бовар накардааст. Ҳар яке аз онҳо роҳи Худост, ки ин ҷаҳонро бо олами боло мепайвандад ва Байрақи Ҳақиқати Ӯ барои ҳар яке дар салтанати замин ва осмонҳост. Онҳо Зоҳиркунандагони Худоянд дар миёни мардум, далелҳои Ҳақиқати Ӯ ва нишонаҳои ҷалоли Ӯ.”**[20]

1. Бо назардошти иқтибоси боло, ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

а. Оё имкон дорад, ки мо худамон бе ҳеҷ воситае Худоро бишносем? _________

________________________________________________________________________

б. Пас, чӣ тавр мо метавонем Худоро бишносем? ______________________________

________________________________________________________________________

в. Оё шумо метавонед баъзе аз Хуршедҳои Ҳидояти Илоҳиро номбар кунед?

________________________________________________________________________

г. Онҳое, ки ба Зоҳиркунандагони Худо гӯш додаанд, ба Овози Кӣ гӯш додаанд?

______________________________________________________________

________________________________________________________________________

д. Дар ҳоле ки даъвати Зоҳиркунандагони Худоро нодида мегирем, аз Кӣ рӯй мегардонем?

_______________________________________________________

________________________________________________________________________

2. Ҷумлаҳои зеринро пурра кунед:

а. Дари дониши Вуҷуди Қадим ҳамеша _________________________буд ва то абад _____________________________ хоҳад буд.

б. Ақли ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ ба ___________________________________________ роҳ нахоҳад ёфт.

в. Худованд Зоҳиркунандагони Худро ҳамчун нишонаи _____________________________ Худ ва далели ________________________________Худ фиристод.

г. Шинохтани Зоҳиркунандагони Худо ба ______________________________.
д. Ҳар кӣ Онҳоро эътироф мекунад, __________________________________дорад.

е. Ҳар кас, ки ба нидояшон гӯш диҳад _____________________________________.

г. Ҳар яке аз онҳо роҳи Худост _________________________________________.

3. Кадоме аз ин гуфтаҳо дурустанд?

____ Мо метавонем танҳо тавассути кӯшишҳои худ руҳан рушд кунем.

____ Худо ба мо ақл додааст ва барои пешрафти мо басанда аст.

____ Мо бо эътирофи зуҳури Худо аз ҷиҳати руҳонӣ пешравӣ хоҳем кард ва набояд кӯшиши бештар сарф кунем.

____ Мо метавонем аз ҷиҳати руҳонӣ пешравӣ кунем, ки зуҳури Худоро эътироф кунем ва кӯшиш кунем, ки мувофиқи таълимоти Ӯ зиндагӣ кунем.

____ Мо метавонем Худоро бевосита шиносем.

____ Инсон метавонад мисли Худо шавад.

____ Худо аз дарки инсон болотар аст.

____ Вақте ки мо суханони зуҳури Худоро мешунавем, мо садои Худоро гӯш мекунем.

## БАХШИ 16

Ҳазрати Баҳоуллоҳ чунин мефармоянд:

**“Пайғамбарон ва Расулони Худо танҳо бо мақсади ба Роҳи Рости Ҳақ ҳидоят кардани мардум фиристода шудаанд. Ҳадафи аслии ваҳйи Онҳо таълим додани ҳамаи инсонҳо буд, то дар соати марг, дар покӣ ва муқаддасии комил ва бо инқитои мутлақ ба назди тахти Ҳаққи Таоло бароянд.”**[21]

Ва дар иқтибоси дигаре Ӯ мефармояд:

**“Одам — Тилисми Аъзам аст. Аммо набудани таълим ва тарбияи муносиб ӯро аз он чизе, ки дар ниҳодаш дорад, маҳрум кардааст. Ба воситаи як калимае ки аз лабони Худо нозил шудааст, ӯ ба олами вуҷуд омадааст; бо як калимаи дигар ӯ ба шиносоии Сарчашмаи тарбияаш раҳнамун карда шуд; ва боз бо як калимаи дигар мақом ва тақдири ӯ хифз карда шуд. Вуҷуди**

**Бузург мефармояд: Ба инсон ҳамчу кони пур аз ганҷҳои бебаҳо нигар. Танҳо таълим ва тарбия метавонад боиси ифшои ганҷҳои он гардад то инсоният аз он баҳра барад. Агар касе дар бораи он чизе, ки дар Осори Муборака, ки аз осмон бо иродаи муқаддаси Худо нозил шудааст, мулоҳиза мекард, вай ба осонӣ дарк мекард, ки ҳадафи онҳо ин аст, ки ҳамаи одамон ба мисли як рӯҳ ҳисобида шаванд, то мӯҳр бо калимаҳои «Малакут аз они Худо хоҳад буд» метавонист дар ҳар дил инро сабт кунад ва нури фазли Илоҳӣ, файзу раҳмат тамоми башарро фаро гирад.”**[22]

1. Паёмбарон ва Расулони Худо бо кадом мақсад фиристода шудаанд? ___________
_______________________________________________________________
_______________________________________________________________
2. Мақсади зоҳир шудани онҳо чист?________________________________________
_______________________________________________________________
3. Маънои калимаи «тилисм» чист? _____________________________________
_______________________________________________________________
4. Набудани таълим ва тарбияи дуруст чӣ оқибат дорад?______________________
_______________________________________________________________
5. Тарбияи дуруст ба чӣ оварда мерасонад? ________________________________
_______________________________________________________________
_______________________________________________________________
6. Сарчашмаи таълим ва тарбияи мо чист? ________________________________
7. Тақдири мо чист? ______________________________________________________
_______________________________________________________________
8. Баъзе аз ганҷҳое ки таълим ва тарбия кашф мекунанд кадомҳоянд? __________
_______________________________________________________________
9. Вақте ки мо дар бораи Осори Муборака мулоҳиза мекунем, мо чиро ба осонӣ дарк мекунем? ___________________________________________________________
_______________________________________________________________
_______________________________________________________________
_______________________________________________________________
_______________________________________________________________

## БАХШИ 17

Ҳазрати Баҳоуллоҳ чунин мефармоянд:

“**Бештар аз ин, аз Ман дар бораи ҳолати рух пас аз ҷудо шуданаш аз ҷисм пурсидӣ. Ба ростӣ бидон, ки агар рӯҳи инсон роҳҳои Худоро паймуда бошад, ӯ албатта ба назди Худо бармегардад, ва ба ҷалоли Маҳбуб даъват мешавад. Қасам ба дурустии Худо! Он ба мақоме ноил мегардад, ки ҳеҷ қаламе тасвир ва ҳеҷ забоне тавсиф карда наметавонад. Руҳе, ки ба Амри Илоҳӣ содиқ монд ва дар Роҳи Ӯ бешакк устувор монд, пас аз ба осмон сууд карданаш дорои**

**чунон қудрате хоҳад буд, ки ҳамаи оламҳое, ки Худои Таъоло офаридааст, аз ӯ бахра хоҳанд бурд.”[23]**

1. Ҷумлаҳои зеринро пурра кунед:

а. А**гар руҳи инсон роҳҳои Худоро паймуда бошад, ӯ албатта _____________**

**_______________________________________**.

б. **Он ба _____________________мақоме ноил мегардад _____________________**

**_______________________________________**.

в. __________**, ки ба Амри Илоҳӣ ________ монд ва дар**

**Роҳи Ӯ бешак ______________________, пас аз**
**________________________________ чунон ____________**

**хоҳад буд, ки ҳамаи оламҳое, ки _______________________**

**____________, ба воситаи ӯ ________________________бурд.**

## БАХШИ 18

Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо чунин мефармоянд:

**“Хушо ба ҳоли рухе, ки дар лаҳзаи ҷудо шуданаш аз бадан, аз тасаввуроти беҳудаи мардуми ҷаҳон муқаддас аст. Чунин руҳ мувофиқи Иродаи Офаридгораш зиндагӣ ва ҳаракат мекунад ва ба Биҳишти олитарин ворид мешавад. Ҳурони Биҳишт, ки дар қасрҳои олитарин сокинанд, дар гирди ӯ ҷамъ меоянд ва Паёмбарони Илоҳӣ ва баргузидагони Ӯ назди ӯ хоҳанд омад. Он руҳ бо онҳо озодона гуфтугӯ хоҳад кард ва он чиро, ки дар роҳи Худо, Парвардигори ҳамаи оламҳо аз сар гузаронидааст, барояшон ҳикоят хоҳад кард.”[24]**

**“Бояд гуноҳкорро бахшид, ва ҳеҷ гоҳ ба пастии ҳолати ӯ нафрат надошт, зеро ҳеҷ кас аз ҳусни хотимаи худ огоҳ нест. Чӣ басо гунаҳкоре ки дар соати мамот ба моҳияти имон ноил шудааст, ва ҷоми абадиятро ошомида ба суи Малаъи Аъло парвоз кардааст! Ва чӣ басо муъмини вафодоре, ки дар лаҳзаи ҷудо шудани руҳаш аз бадан ба дараҷае дигар шудааст, ки ба оташи пасттарин афтодааст!”[25]**

1. Вақте ки руҳи мо аз ҷисм ҷудо мешавад, бояд дар кадом ҳолат бошад? _________

_______________________________________________________________________

2. Баъзе аз тасаввуроти беҳуда кадомҳоянд? _________________________________

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

3. Рухе, ки аз хаёлоти беҳуда муқаддас шудааст, пас аз марг дар кадом ҳолат зиндагӣ мекунад ва ҳаракат мекунад? ____________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

4. Наздикони чунин руҳ чӣ касоне хоҳанд буд?______________________________
______________________________________________________________________

5. Оё чунин руҳ метавонад бо Паёмбарони Худо ва баргузидагони Ӯ гуфтугӯ кунад?
______________________________________________________________________

6. Оё мо пешакӣ медонем, ки ҳаёти заминии мо кай ва чӣ тавр ба охир мерасад? ___
______________________________________________________________________

7. Ҳоло мо чӣ кор карда метавонем, то ҳаёти ҷовидониеро, ки бароямон таъин шудааст, ба даст орем? ________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

**БАХШИ 19**

Ҳазрати Абдулбаҳо чунин шарҳ медиҳанд:

**“Чун руҳи инсон пас аз тарки ин шакли моддӣ то абад зиндагӣ мекунад, он мисли ҳама чизҳои мавҷуда, бешубҳа, қодир аст пешрафт кунад ва аз ин рӯ кас метавонад барои пешрафти фавтида дуо гӯяд, ки он бахшида шавад ё ноили неъматҳо ва фазли Илоҳӣ гардад. Аз ин рӯ, дар дуоҳои Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз барои касоне, ки ба дунёи охират рафтаанд, омурзиш ва бахшиши Худо талаб карда мешавад. Бештар аз ин, чунон ки мардуми дар ин дунё ба Худо ниёз доранд, дар дунеи охират низ ба Ӯ ниёз доранд. Махлуқот ҳамеша мӯҳтоҷанд ва Худо аз онҳо, хоҳ дар ин дунё ва хоҳ дар охират комилан новобаста аст.”**[26]

Чаро мо бояд барои арвоҳи рафтагон дуо кунем? ___________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

___________________________________________________________________

___________________________________________________________________

___________________________________________________________________

___________________________________________________________________

**БАХШИ 20**

Ҳазрати Абдулбаҳо чунин менависанд:

**“Вақте ки руҳи инсон аз ин мушти хоки бебақо парвоз мекунад ва ба олами Худо сууд менамояд, пардаҳо меафтанд ва ҳақиқатҳо ошкор мешаванд ва ҳамаи чизҳое, ки қаблан номаълум буданд, равшан, ва ҳақиқатҳои пинҳон дарк карда мешаванд.**

**Бубинед, ки чӣ гуна мавҷуде дар дунёи батни модар самъаш ношунаво ва дидааш нобино ва забонаш гунг буд; ва чи тавр вай аз дарки чизе комилан маҳрум буд. Аммо боре аз он олами зулмот ба ин олами равшанӣ баромад, он гоҳ дидааш дид, гӯшаш шунавид, забонаш ҳарф зад. Ба ҳамин тариқ, вақте ки ӯ аз ин макони бебақо ба Малакути Илоҳӣ мешитобад, он гоҳ ӯ руҳан таваллуд хоҳад ёфт; Пас он вақт дидаи дарки руҳонии ӯ боз мешавад ва самъи руҳонии ӯ мешунавад ва ҳамаи ҳақиқатҳое, ки пеш аз ин аз онҳо бехабар буд, ошкору равшан мегардад.”**[27]

1. Ҷойҳои холии зерро пур кунед.

а. Вақте ки руҳи инсон аз ин дунё меравад, пас

- пардаҳо______________________________,

- ва ҳақиқатҳо __________________________,

- ва ҳама чизҳои қаблан номаълум______________________________,

- ва ҳақиқатҳои пинҳон_______________________________________.

б. Дар олами ____________________, гӯши мо ___________ дидаи мо ва забони мо __________________________ будем.

в. Вақте ки мо дар ин дунё ба дунё омадем, пас чашми мо _______________ гӯши мо ______________________ ва забонамон________________________________ .

г. Ба мисли ин, вақте ки мо ба Малакути Худо мегузарем, мо __________________

________________.

д. Он гоҳ дидаи ____________мо, гӯши ________________ мо

______________________ва ҳамаи он чизҳое, ки мо қаблан аз он бехабар будем,

______________________ мешавад ва _____________.

2. Муайян кунед, ки оё гуфтаҳои зерин дурустанд:

___ Вақте ки мо дар дунёи батни модар ҳастем, мо аз ин дунё огоҳем.

___ Ҳолати мо пас аз марг як ҳақиқатест, ки дар ин зиндагӣ барои мо пинҳон аст.

___ Уфуқҳое, комилан нав дар пеши мо пас аз марг кушода мешаванд.

___ Вақте ки мо мемирем, мо ба ин дунё бармегардем, то ин ки дубора таваллуд шавем.

## БАХШИ 21

Ҳазрати Баҳоуллоҳ мефармоянд:

**“Ва алҳол дар бораи саволи ту, ки оё руҳҳои инсонӣ пас аз ҷудо шудан аз бадан аз якдигар огоҳ хоҳанд буд? Бидонед, ки руҳҳои аҳли Баҳо, ки ба Сафинаи Ҳамро ворид шуда ва пойдор шудаанд, бо ҳам муошират ва муонисат хоҳанд кард ва дар зиндагӣ, ормонҳо, ҳадафҳо ва кӯшишҳои худ чунон алоқаи наздик хоҳанд дошт, ки мисли як рух хоҳанд буд. Дар ҳақиқат онҳоянд аз онҳое ки огоҳ, дурандеш ва дарк кардагонанд. Ин аст он чизе ки аз ҷониби Худое ҳукм шудааст, ки Доно ва Ҳаким аст.**

**Аҳли Баҳо, ки сокинони Сафинаи Худо ҳастанд, ҳар як, ва ҳама, аз ҳол ва аҳволи якдигар огоҳанд ва бо пайвандҳои маҳрамона ва рафоқат муттаҳиданд. Аммо чунин мақом бояд ба эътиқод ва рафтори онҳо вобаста бошад. Онҳое, ки дар дараҷа ва мақом мисли ҳаманд, аз қобилият, хислат, дастовардҳо ва хидмати ҳамдигар комилан огоҳанд. Онҳое, ки дараҷаи поёнтаранд, қодир нестанд, ки мақоми онҳоеро ки болотаранд ба таври кофӣ дарк кунанд ё ба шоистагии онҳое, ки аз онҳо болотаранд, баҳо диҳанд. Ҳар кас насиби худро аз Парвардигораш хоҳад гирифт. Хушо ба ҳоли касе, ки рӯй ба сӯи Худо овард ва дар роҳи муҳаббати Ӯ устуворона роҳ рафт, то рухи ӯ дар парвоз ба сӯи Худои фармонравои ҳамагон Тавонову Бахшояндаву Меҳрубон бошад.”**[28]

1. Оё дар олами дигар мо одамонеро, ки дар ин дунё мешиносем, хоҳем шинохт? __

2. Муносибати байни руҳҳо дар олами дигар то чӣ андоза наздик хоҳад буд? _____

____________________________________________________________

3. Фарқият ва дигаргунии байни руҳҳо дар олами дигар аз чӣ вобаста хоҳад буд? __
____________________________________________________________
____________________________________________________________

4. Оё касе аз фазли Худо маҳрум хоҳад монд? ______________________________

## БАХШИ 22

Ҳазрати Баҳоуллоҳ моро чунин насиҳат мекунанд:

**“Эй бандагони Ман! Агар дар ин рӯзҳо ва дар ин сатҳи замин чизҳое, ки бар хилофи хоҳишҳои шумоанд аз ҷониби Худо муқаррар ва зоҳир карда шаванд, андӯҳгин нагардед, чун рӯзҳои шодиву хушбахтӣ ва лаззати осмонӣ, бешубҳа, барои шумо омода шудаанд. Оламҳои муқаддас ва аз ҷиҳати руҳонӣ пурҷалол ба чашми шумо боз мешаванд. Шуморо дар ин олам ва олами дигар насиб аст, ки аз неъматҳои онҳо баҳраманд шавед, дар шодии онҳо шарик шавед ва бахше аз файзи ризқдиҳандаи онҳоро ба даст оред. Ҳар як ва ҳамаи онҳоро, бешак, ба даст хоҳед овард.”**[29]

1. Муайян кунед, ки кадоме аз инҳо дурустанд:

___ Мо бояд пур аз ғаму андӯҳ шавем, вақте ки он чизҳое ки мо мехоҳем, намешаванд.

___ Ҳама чиз, хоҳ хуб бошад, хоҳ бад, аз ҷониби Худост.

___ Ҳамаи моро рӯзҳои хурсандибахш интизоранд.

___ Мо бешубҳа оламҳоеро мебинем, ки муқаддас ва аз ҷиҳати руҳонӣ пурҷалол мебошанд.

___ Тақдири мост, ки чӣ дар дунё, ва чӣ дар охират, ба неъматҳои олами муқаддас ва аз ҷиҳати руҳонӣ пурҷалол ноил гардем.

2. Чаро вақте ки чизҳои хилофи хоҳишҳои мо рӯй медиҳанд, мо набояд андӯҳгин шавем**?** __________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

3. Дар ин порча Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо чӣ ваъда медиҳанд? ____________________
____________________________________________________________

**БАХШИ 23**

Дар ин бахши китоб шумо дар бораи маънои ҳаёти инсон андеша рондаед. Шумо дар бораи табиати руҳ, ҳадафи зиндагӣ дар ин олам, зарурати инкишоф додани сифатҳои руҳонӣ ва ваъдаи ҳаёти ҷовидонии сururомез, ки ба мо дода шудааст, бисёр чизҳоро омӯхтаед. Дар бахши дуюми ин китоб мо дар бораи як ҳадафи дуҷониба — дунболгирии рушди маънавию зеҳнии худ ва саҳм гузоштан дар дигаргунсозии ҷамъият сухан ронда будем. Ҳоло ин имконият аст, ки метавонед дубора ба ин мафҳум ру оваред ва дар бораи аҳамияти диққат додан ба ҳарду ҷанбаи ин ҳадаф, дар партави фаҳмишҳое, ки шумо дар бораи пешрафти руҳ ба даст овардаед, фикр кунед. Мулоҳиза рондан дар гурӯҳи шумо метавонанд аз муҳокимаи мавзӯъҳои дар поён овардашуда манфиат гиранд.

1. Тараққӣ додани сифатҳои руҳонӣ
2. Итоат аз қонунҳои Худо
3. Саҳм гузоштан барои беҳбудии насли башар
4. Пешравӣ дар роҳи хидмат

**Мароҷеъ:**

1. From a talk given on 10 November 1911, published in Paris Talks: Addresses Given by ‘Abdu’l-Bahá in 1911 (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2006, 2016 printing), no. 29.12–13, p. 109.

2. From a letter dated 1 April 1946 written on behalf of Shoghi Effendi, published in Lights of Guidance: A Bahá’í Reference File (New Delhi: Bahá’í Publishing Trust, 1988, 2010 printing), no. 1820, p. 537.

3. From a letter dated 28 July 2016 written on behalf of the Universal House of Justice.

4. ‘Abdu’l-Bahá, in Some Answered Questions (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2014, 2016 printing), no. 66.3, pp. 352–53.

5. Ibid., no. 38.5, p. 220.

6. From a talk given by ‘Abdu’l-Bahá on 9 November 1911, published in Paris Talks, no. 28.16, p. 104.

7. From a letter dated 31 December 1937 written on behalf of Shoghi Effendi, published in Lights of Guidance, no. 680, p. 204.

8. Gleanings from the Writings of Bahá’u’lláh (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 1983, 2017 printing), LXXXII, par. 8, p. 183.

9. ‘Abdu’l-Bahá, in Some Answered Questions, no. 61.1–2, p. 334.

10. Gleanings from the Writings of Bahá’u’lláh, LXXX, par. 2, p. 174.

11. Ibid., LXXXI, par. 1, p. 176.

12. Ibid., CLXV, par. 1–3, pp. 391–92.

13. Bahá’u’lláh, The Hidden Words (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 2003, 2012 printing), Arabic no. 32, p. 11.

14. From a talk given on 6 July 1912, published in The Promulgation of Universal Peace: Talks Delivered by ‘Abdu’l-Bahá during His Visit to the United States and Canada in 1912 (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2012), pp. 315–16. (authorized translation)

15. Gleanings from the Writings of Bahá’u’lláh, V, par. 4, p. 8.

16. Ibid., LXXXII, par. 1, pp. 179–80.

17. Ibid., CLIII, par. 6, pp. 370–71.

18. Ibid., XXVII, par. 2, pp. 72–73.

19. Ibid., XXVII, par. 3, p. 73.

20. Ibid., XXI, par. 1, pp. 54–55.

21. Ibid., LXXXI, par. 1, p. 177.

22. Ibid., CXXII, par. 1, pp. 293–94.

23. Ibid., LXXXII, par. 7, p. 182.

24. Ibid., LXXXI, par. 1, pp. 176–77.

25. Ibid., CXXV, par. 3, pp. 300–1.

26. ‘Abdu’l-Bahá, in Some Answered Questions, no. 62.3, pp. 340–41.

27. Selections from the Writings of ‘Abdu’l-Bahá (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2010, 2015 printing), no. 149.3–4, pp. 246–47.

28. Gleanings from the Writings of Bahá’u’lláh, LXXXVI, par. 1–2, pp. 192–93.

29. Ibid., CLIII, par. 9, p. 373.